Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №123 (2950) | ҶУМЪА, 28 СЕНТЯБРИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## Сафари корӣ ба ноҳияи Данғара



**25 сентябри соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон барои шиносоӣ бо вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва ҷараёни корҳо дар соҳаи кишоварзӣ ба ноҳияи Данғара сафар кард.**

Дар оғози боздиди корӣ аз ноҳияи Данғара Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба маҳаллаи 8-уми маркази ноҳия ташриф оварда, мактаби навбунёди таҳсилоти миёнаи умумии рақами 70-ро расман ифтитоҳ намуд.

Тавре зикр гардид, ин мактаб аз ҷониби роҳбарияти ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» бо харҷи 16 миллиону 400 ҳазор сомонӣ бо тарҳи зебои замонавӣ бунёд ёфта, ба мақомоти дахлдори давлатии ноҳия тухфа карда шудааст.

Мактаб аз 24 синфхонаи зебову муҷаҳҳаз иборат буда, барои 1300 нафар хонанда дар ду баст пешбинӣ гардидааст. Синфхонаҳои махсуси фаннии он, аз ҷумла синфи омӯзиши компютер, забонҳои русӣ, англисӣ ва дигар забонҳои хориҷӣ,



синфҳои озмоишии физика, кимиё, биология ва ҳунаромӯзии духтарону писарон бо тамоми асбобу олоти зарурӣ муҷаҳҳаз мебошанд. Ҳоло мактаб қариб 900 нафар хонандагонро ба таҳсил фаро гирифтааст.

Дар маҷлисгоҳи зебои мактаб, ки дорои 182 ҷойи нишаст мебошад, имкон дорад ҳар гуна маҷлису маҳфилҳо ва чорабиниҳои фарҳангии мактабию беруназмактабӣ ба роҳ монда шавад.

Толори варзишии мактаб бо дарозию паҳноии 36х24м. бунёд ёфта, дорои шароити машқу тамрини намудҳои гуногуни варзишу тарбияи бадан ва 205 ҷойи нишаст барои тамошобинон мебошад. Дар саҳни ҳавлии мактаб ҳамчунин майдони универсалии варзишӣ бунёд ёфта, муҷаҳҳаз шудааст.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон барои боз ҳам ободу зебо намудани дохилу атрофи мактаб, аз ҷумла беҳсозии шароити таълимӣ, ҷалби беҳтарин омӯзгорон ва кабудизоркунии муҳити ин муассисаи таълимӣ ба масъулин супоришҳои мушаххас дод.

Эмомалӣ Раҳмон ин иқдоми роҳбарияти ҶСК «Тоҷиксодиротбонк»-ро «посухи арзандаи ин соҳибкорони хусусӣ ба даъватҳои Сарвари давлат доир ба иштироки васеъ дар ободонии Тоҷикистони азиз ва дасти кӯмак дароз кардан ба ниёзмандон» номида, ба онҳо арзи сипосу миннатдорӣ кард.

Аз ин ҷо Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба анбори ғалладонагиҳои хоҷагии «Сомонҷон»-и ноҳияи Данғара ташриф оварда, бо вазъи кор дар бахши ғаллакории ноҳия шинос шуд.

Тавре зикр гардид, ноҳияи Данғара калонтарин ноҳияи ғаллакори кишвар буда, на танҳо бо ҳосили фаровони ғалла, балки бо рушди босуботи боғдорӣ, пахтакорӣ, сабзавоткорӣ ва чорводорию паррандапарварӣ дар таъмини амнияти озуқавории Тоҷикистон нақши муҳим мегузорад. Чунонки иттилоъ доданд, имсол аҳли заҳмати ноҳияи Данғара дар ҳама намуди хоҷагиҳо беш аз 100 ҳазор тонна ғалла ҷамъоварӣ намуданд, ки нишондоди назаррас аст. Танҳо хоҷагии «Сомонҷон»-и ноҳия имсол 20 ҳазор тонна ғалла ҷамъоварӣ намудааст.

Ғаллакорони ноҳия на танҳо дар истеҳсол ва фурӯши ғаллаи истеъмолӣ, балки ғаллаи тухмӣ низ таҷриба ва малакаи баланд касб намудаанд. Танҳо ҳамин сол то имрӯз наздики панҷ ҳазор тонна тухмии ғалла омода шудааст. Умуман, дар ноҳияи Данғара беш аз 10 ҳазор тонна ғаллаи тухмӣ барои фурӯш омода аст.

Анбори ғаллаи хоҷагии «Сомонҷон» дорои техникаи гуногуни поксозии ғалла, омодасозии тухмӣ ба кишт мебошад. Як дастгоҳи муосири поксозӣ, ки ин анбор дар ихтиёр дорад, ғалларо ба ҳашт гурӯҳ ҷудо карда, тақсим мекунад. Аз ҷумла хасу хошок, донҳои зироатҳои бегона ва донҳои шикастаро ҷудо намуда, ғаллаи тозаю босифатро ба халтаҳои алоҳида мерезад.

Дар паҳлуи ин анбор ҳамчунин корхонаи ордбарорӣ қарор дорад, ки аз гандуми маҳаллӣ ва ҳам воридотӣ орди хушсифат истеҳсол мекунад. Дар анборҳои беканори он ҳазорҳо тонна орд захира шудааст.

Сипас Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба хоҷагии деҳқонии «Хазлаҳат»-и деҳоти «Корез» ташриф оварда, бо кори ибратбахши аҳли заҳмати он аз наздик шинос шуд.

Тавре иттилоъ доданд, хоҷагӣ дорои 23 гектар замин аст ва нуҳ гектари он обӣ мебошад. Дар ҳафт гектар пахта кишт намудаанд, ки ҳосили фаровон дорад. Деҳқонони



ботаҷрибаи хоҷагӣ бовар доранд, ки аз ҳар гектари пахта зиёда аз 35 сентнерӣ ҳосил ба даст меоранд.

Чунонки аён гардид, роҳбарият ва деҳқонони хоҷагӣ заминҳои обии худро пурсамар истифода бурда, ду ва зиёда ҳосили фаровони зироатҳои гуногун ба даст меоранд. Онҳо аз заминҳои ғаллаи обӣ зиёда аз 40 сентнерӣ ҳосил ҷамъоварӣ карда, дар ҷойи он сабзавоти гуногун ва пиёзу картошкаи барвақтӣ барои баҳори соли оянда кишт намудаанд.

Ба иттилои роҳбари хоҷагӣ Саидмутаҳҳар Асомиддинов дар заминҳои ин хоҷагӣ аҳли чор оила заҳмат кашида, ризқу рӯзии худро ба даст меоранд ва ҳам ба бозори истеъмолӣ маҳсулот пешниҳод менамоянд.

Аз ин ҷо Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба яке аз токзорҳои деҳоти «Корез», ки ҳосили фаровони ангур дорад, ташриф оварда, ба аҳли заҳмати он барои риваҷ додани ин бахши сердаромади соҳаи кишоварзӣ дастуру ҳидоятҳо дод.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар хоҷагии деҳқонии «Холмаҳмад»-и деҳоти Корез ба кишти тирамоҳии ғаллаи обӣ оғоз бахшида, бори дигар таъкид дошт, ки ҳосили ғалладона аз заминҳои обӣ бояд аз 50 сентнерӣ аз ҳар гектар кам нашавад.

Дар ноҳияи Данғара бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин мактаби боҳашамати президентӣ ифтитоҳ ёфт, ки бо тарҳу намои зебои замонавӣ, беҳтарин шароити таълиму тарбия ва будубоши шабонарӯзии омӯзгорону хонандагон бунёд ёфтааст.

Тавре зикр гардид, солҳои охир бо ибтикори наҷиби Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳру ноҳияҳои гуногуни кишвар мактабу литсейҳои президентӣ барои хонандагони болаёқат бунёд меёбанд ва ин ҳафтумин мактаб аз ин силсила аст.

Чунонки зикр гардид, ин мактаби хуштарҳи замонавӣ барои 640 нафар хонандагони хушлаёқат аз ноҳияи Данғара ва дигар ноҳияҳои вилояти Хатлон пешбинӣ шудааст.

Мактаб аз синфхонаҳои зебои бо тамоми шароити зарурӣ муҷаҳҳаз, аз ҷумла синфҳои махсуси фаннӣ барои забономӯзӣ, омӯзиши компютер, ҳунарҳои рӯзгордорӣ барои духтарону писарон, озмоишгоҳҳои фаннӣ барои фанҳои дақиқ, ба мисли физика, кимиё, биология ва ғайра иборат мебошад.

Китобхонаи мактаб бо китобҳои зиёди дарсию бадеӣ ғанӣ гардида, дорои толори хониш ва китобхонаи электронӣ аст. Толори электронии он бо китобхонаҳои дигари электронии дохилу хориҷи кишвар робитаи мустақим барпо намудааст.

Толори зебою мунаққаши маҷлисии он, ки дорои 180 ҷойи нишаст мебошад, барои ба роҳ мондани маҷлису маҳфилҳои гуногуни мактабӣ ва байнимактабӣ пешбинӣ шудааст.

Ошхонаи мактаб бо 300 ҷойи нишасти хеле зебою барҳаво, дорои шароити хуби мувофиқ ба талаби замон ва қоидаҳои санитарӣ аст.

Мактаб ҳамчунин дорои толори бузурги варзишӣ, майдони васеи универсалии варзишӣ ва ҳавзи калони болопӯшидаи шиноварӣ мебошад. Ҳавзи шиноварӣ бо стандартҳои ҷаҳонии варзишӣ бунёд ёфтааст ва дар он имкон дорад, ки мусобиқаҳои гуногуни ноҳиявию минтақавӣ гузаронида шавад.

Чунонки таъкид гардид, ҳам хонандагон ва ҳам омӯзгорон ба ин мактаб аз тариқи озмун қабул карда мешаванд. Барои омӯзгороне, ки аз роҳҳои дур барои кор ба ин мактаб ҷалб мешаванд, се бинои бисёрошёнаи истиқоматӣ бо 90 хона бунёд меёбад. Ҳоло як бинои он бо 30 хона мавриди истифода қарор гирифтааст.

Мактаб барои ҳамаи 640 нафар хонанда ҳамчунин ду хобгоҳ дорад: яке барои писарон ва дуввумӣ барои духтарон, ки дорои шароити хуби будубоши шабонарӯзӣ, дарстайёркунӣ, истироҳату фароғат, ҳаммом ҷойи либосшӯйӣ ва дигар шароити зарурӣ мебошад.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ аз шароити хуби таълиму тарбия ва будубош, ки барои омӯзгорону хонандагони ин мактаб муҳайё гардидааст, изҳори хушнудӣ карда, мактаббачагонро ба хониши хубу аъло ва хизмати содиқона ба халқу Ватан ҳидоят намуд.

***www.prezident.tj***



Суратгир А. ИСОЕВ

## Мулоқоти Маҳмадсаид Убайдуллоев бо сенаторони Чехия

**25 сентябри соли 2012 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Убайдуллоев ҳайати сенаторони Ҷумҳурии Чехияро таҳти роҳбарии Раиси Кумитаи Сенати Ҷумҳурии Чехия оид ба масъалаҳои конститутсионӣ ва ҳуқуқӣ ҷаноби Мирослав Антл, ки ба кишварамон бо сафари корӣ ташриф овардааст, бо хоҳиши онҳо ба ҳузур пазируфт.**

Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Убайдуллоев меҳмононро хайра мақдам гуфта, зикр намуд, ки ташрифи онҳо фоли нек буда, ҷиҳати бунёди пули дӯстӣ барои густариши робитаҳои байнипарламентӣ саҳифаҳои нав боз хоҳад кард. Маҳмадсаид Убайдуллоев оид ба сохтори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти кумитаҳо, ташаббуси қонунгузорӣ ва ҷараёни қонунэҷодкунӣ, таърихи муносибатҳои байнипарламентии ҳар ду ҷониб баҳри рушду такомули муносибатҳои дуҷонибаи иқтисодиву тиҷоратӣ ва гуманитарӣ, ки ба манфиати тарафайн равона карда шудааст, маълумоти муфассал ва ба саволҳои меҳмонон дар ин бобат ва паҳлуҳои гуногуни фаъолияти парламентӣ ҷавобҳои мушаххас дод.

Ҷаноби Мирослав Антл дар навбати худ аз пазироӣ ва муҳтавои мулоқот изҳори сипос намуда, гуфт, ки ҳадафи асосии сафари ҳайат таҳкими ҳамкориҳои байнипарламентии ду кишвар мебошад.

-Сенаторони Чехия, -афзуд ӯ, - баҳри рушду такомули ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ, гуманитарӣ ва бахусус тавсеаи муносибатҳои байнипарламентии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сенати Ҷумҳурии Чехия, пайваста саъйю кӯшиш хоҳанд намуд.

Ҳамзамон меҳмонон аз сатҳи муносибат ва ҳамкориҳои Ҷумҳурии Чехия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори қаноатмандӣ намуда, афзуданд, ки сайёҳони чехӣ ба манзараҳои зебои қаторкӯҳҳои Фон ва баландкӯҳҳои Помир майлу рағбат дошта, рушди ҳамкориҳоро дар соҳаи туризм мувофиқи мақсад ва зарур мешуморанд.

Дар мулоқот ҳамчунин масоили таъмини сулҳу субот дар Афғонистон, пеш аз ҳама, саҳми дастаҷамъонаи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар пешгирии зуҳуроти номатлуб, амсоли терроризми байналмилалӣ, ҷинояткории муташаккилона, гардиши ғайриқонунӣ ва қочоқи маводи мухаддир мавриди музокира қарор гирифтанд.

Дар фарҷоми мулоқот Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод ба миён гузошт, ки барои пиёда сохтани мақсадҳои наҷиб ҷиҳати такон бахшидан ба таҳкими муносибатҳои дӯстона ва ҳамкориҳои ҳасанаи байнипарламентӣ гурӯҳҳои дӯстӣ ва ҳамкории байнипарламентии тарафайн таъсис дода шаванд. Ин ва дигар таклифҳои пешниҳодгардида аз тарафи меҳмонон хуб пазируфта шуданд.

Мулоқот дар фазои дӯстона ва самимона гузашт.

***Шуъбаи робитаҳои байнипарламентии Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон***



Суратгир А. ИСОЕВ

## Тавсиаи муносибатҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ ва тиҷоратӣ - тақозои замон

**25 сентябри соли 2012 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров аъзои Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Жогорку Кенешаи Ҷумҳурии Қирғизистон бо Парламенти Тоҷикистонро дар ҳайати Т.Т. Мамитов (муовини Раиси Жогорку Кенеша),, Н.Т. Арипов (роҳбари гурӯҳ), Н.М. Мурашев ба ҳузур пазируфт.**

Раиси мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори мамлакат Шукурҷон Зуҳуров ҳайати меҳмононро, ки бо даъвати Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Жогорку Кенешаи Ҷумҳурии Қирғизистон ба кишвари мо ташриф овардаанд, самимона пазироӣ намуда, роҷеъ ба масъалаҳои марбут ба муносибатҳои миёни парламентҳо ва кишварҳоямон суҳбат орост.

Вай, аз ҷумла изҳор намуд, ки самтҳои асосии муносибатҳои миёни кишварҳоямонро сафарҳои расмӣ ва мулоқотҳои роҳбарони ҳар ду кишвар ташкил дода, силсилаи санадҳои дар ин мулоқотҳо баимзорасида асоси ҳуқуқии рушди бахшҳои сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангии миёни кишварҳоро муайян менамоянд. Ҷумҳурии Қирғизистон дар минтақаи иқтисодии Осиёи Марказӣ шарики стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Миёни кишварҳоямон ягон масъалаи дорои ихтилофи назар вуҷуд надорад. Бо мақсади рушди минбаъдаи муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва фарҳангӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон соли 1996 Комиссияи байниҳукуматии доимоамалкунанда таъсис ёфтааст. Ҳамчунин Шӯрои олии байниҳукуматии миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон ва дигар мақомоти байнидавлатӣ таъсис дода шудаанд.

-Мо дар мулоқот бо Раиси Жогорку Кенешаи Ҷумҳурии Қирғизистон Асилбек Жеенбеков моҳи марти соли 2012 масъалаҳои рушду тавсиаи муносибатҳои байнипарламентӣ ва дигар бахшҳои миёни кишварҳоямонро мавриди баррасӣ қарор дода будем, -гуфт Шукурҷон Зуҳуров.

Раиси мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори мамлакат дар бораи зарурати бунёди Неругоҳи барқи обии «Роғун» ва нақши он дар рушду нумӯи иқтисодиёти кишварҳои минтақа муфассал суҳбат намуда, изҳор дошт, ки чунин зарурати бунёди неругоҳҳои барқи обӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон низ вуҷуд дорад.

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки миёни ду кишвар бояд ҳалли мусбии худро ёбад, масъалаи байнисарҳадӣ мебошад, ки дар ин бахш комиссияи махсус фаъолият дорад. Бояд гуфт, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи зиёди қирғизҳо зиндагӣ доранд. Ҳамзистии тоҷикон ва қирғизҳои ноҳияи Ҷирғатол намунаи беҳтарини дӯстии миёни халқҳост. Дар ин ноҳия ҳар ду миллат мисли бародарон кору зиндагӣ мекунанд, ба ҳар ду забон хуб ҳарф мезананд, бо ҳамдигар хешу табор шудаанд.

-Мо ҳамчун ҳамсояҳои наздик ва дӯстони дерина бояд муносибатҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ ва тиҷоратиамонро боз ҳам бештар густариш диҳем, -гуфт Шукурҷон Зуҳуров.

Меҳмонон аз пазироии самимонаи Раиси Маҷлиси намояндагон изҳори сипос намуда, роҷеъ ба бахшҳои гуногуни ҳамкориҳо суҳбат оростанд. Онҳо ба ҷонибдорӣ аз суханони Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз намуданд, ки Қирғизистон низ мисли Тоҷикистон захираҳои табиии нафту газ надорад. Мову шумо дорои захираҳои бебаҳои об мебошем. Ҳар як кишвар бояд аз захираҳои табиии кишвараш барои манфиати халқ ихтиёрдорӣ намояд. Меҳмонон ҳамчунин изҳор доштанд, ки ҷиҳати ифтитоҳи як консулгарӣ дар Тоҷикистон ва содда намудани раводиди равуои миёни ду кишвар, инчунин ҳар чӣ зудтар ҳал намудани масъалаҳои байнисарҳаддӣ мусоидат хоҳанд намуд. Онҳо Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Жогорку Кенешаро барои боздиди расмӣ дар фурсати муносиб ба Қирғизистон даъват намуданд.

Дар суҳбат Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Қирғизистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон У.К. Саралаев иштирок дошт.

***Котиботи роҳбарияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

# Маърифатпарварӣ омили муҳиму тақдирсози ҳар як миллату давлат маҳсуб мeёбад

**Суханронӣ дар маросими ифтитоҳи мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 70 дар ноҳияи Данғара**
*25 сентябри соли 2012*



**Омӯзгорон ва шогирдони азиз!**

**Ҳозирини арҷманд!**

Ин лаҳзаҳо мову шумо шоҳиди ба истифода супоридани боз як махзани саводу маърифат, яъне мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 70 дар ноҳияи Данғара гардидем.

Бинобар ин, ба ҳамаи шумо - ҳозирини гиромӣ, падарону модарони арҷманд ва омӯзгорону хонандагони азиз ифтитоҳи мактаби навро муборак гуфта, ба сохтмончиён ва ҳамаи онҳое, ки дар бунёди ин макони илму маърифат саҳм гузоштаанд, арзи сипос менамоям.

Мехоҳам махсус таъкид намоям, ки амали хайри анҷомдодаи соҳибкори ватанӣ беҳтарин тухфа барои мардуми ноҳияи Данғара ва фарзандони онҳо ва дар айни замон натиҷаи шоистаи раванди ободкориву созандагии кишвари азизамон мебошад.

Бо қаноатмандӣ изҳор медорам, ки солҳои охир соҳибкорону тоҷирони ташаббускору олиҳиммати кишвар дар пешбурди иқтисоди кишвар торафт бештар фаъол шуда истодаанд. Инчунин боиси хушнудист, ки бисёр соҳибкорони саховатманд ба даъвати Сарвари давлат оид ба дастгирии табақаҳои ниёзманди аҳолӣ ва таъмиру бунёди иншооти иҷтимоии кишвар, аз ҷумла сохтмон ва таъмиру таҷдиди мактабу синфхонаҳои иловагӣ, дармонгоҳу бунгоҳҳои тиббӣ, роҳу пулҳо ва иншооти дигар бо амалҳои хайру савоби худ ҷавоб мегардонанд ва ин раванд ба як анъанаи нек табдил ёфтааст.

Мавриди зикри хос аст, ки то имрӯз бо ташаббус ва маблағгузории соҳибкорони ватанӣ дар шаҳру ноҳияҳои гуногуни мамлакат даҳҳо корхонаҳои истеҳсоливу марказҳои хизматрасонӣ ва толорҳои замонавии варзишӣ бунёд гардида, ҳазорҳо ҷойи нави корӣ фароҳам оварда шудаанд, ки ин ҳама аз ҳисси баланди ватандӯстӣ ва нияти неки созандагии онҳо шаҳодат медиҳад.

Мактаби навбунёди имрӯза аз ҷумлаи аввалин муассисаҳои таълимии хусусӣ дар қаламрави мамлакат ба ҳисоб меравад, ки аз ҷониби соҳибкори ватанӣ бо маблағи зиёда аз 16 миллион сомонӣ дар давоми 170 рӯз ва бо заҳмати шабонарӯзии 240 нафар коргарону мутахассисони маҳаллӣ сохта шудааст.

Мактаб аз се ошёна, 18 синфхонаи таълимӣ, ҳуҷраҳои маъмурӣ, китобхона, толори барҳавои варзишӣ, маҷлисгоҳ ва ошхона иборат мебошад.

Ҳамзамон бо ин, мактаб дорои синфхонаҳои муҷаҳҳази фаннӣ, аз ҷумла барои омӯзиши технологияҳои компютерӣ ва илмҳои дақиқ мебошад ва барои таҳсили 640 нафар хонанда (қариб 1300 нафар хонанда дар ду баст) пешбинӣ гардидааст.

Яъне, дар ин муассисаи нави таълимии ҳозиразамон барои донишомӯзии шогирдони он тамоми шароити зарурии муосир фароҳам оварда шудааст.

Аз ин лиҳоз, бо истифода аз фурсати муносиб мехоҳам ба ҳамаи соҳибкорони ҳимматбаланди мамлакат, ки ҷиҳати пуштибонӣ аз сиёсати иҷтимоии Давлат ва Ҳукумати кишвар пайваста иқдому ташаббусҳои наҷиби созандагӣ зоҳир мекунанд, барои ободу зебо гардонидани Ватани азизамон саҳм мегузоранд ва ҳамчунин ба гурӯҳҳои ниёзманди аҳолӣ пайваста дасти кӯмаку хайрхоҳӣ дароз менамоянд, арзи сипосу миннатдорӣ намоям.

**Дӯстони азиз!**

Дар ҳама давру замон илмомӯзиву маърифатпарварӣ яке аз омилҳои муҳиму тақдирсози ҳаёти ҳар як миллату давлат дониста мешавад, зеро рушди соҳаи маориф кафолати боэътимоди пешрафт ва ояндаи дурахшони ҷомеа мебошад.

Дар робита ба ин, махсус таъкид месозам, ки дар шароити кунунӣ ҳар як муассисаи таълимӣ, новобаста аз зинаи таҳсилот ва шакли тобеияту моликияташ, бояд наслҳоеро тарбия намояд, ки дорои ҳисси баланди миллӣ бошанд, аз дастовардҳои навтарини илму техника ва технологияҳои муосири коммуникатсионӣ огоҳ бошанд, то ки онҳо дар оянда давлату миллати худро ба ҷаҳониён муаррифӣ намуда, рақобатпазирии кишварамонро дар арсаи байналмилалӣ таъмин карда тавонанд.

Бо қаноатмандӣ метавон гуфт, ки тӯли солҳои охир дар самти таъмини сифати таҳсилот, баланд гардидани сатҳи дониши хонандагон ва тадриҷан беҳтар шудани давомоти толибилмони муассисаҳои таълимии мамлакат тамоюлҳои мусбат ба мушоҳида мерасанд.

Дастовардҳои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар, аз ҷумла шогирдони мактабҳои ноҳияи Данғара дар озмуну олимпиадаҳои гуногун далели ин гуфтаҳо мебошанд.

Ҳоло дар ноҳияи Данғара 68 муассисаи таълимӣ ва се муассисаи томактабӣ бо фарогирии беш аз 30 ҳазор нафар хонанда ва тарбиятгирандагон фаъолият менамояд, ки дар онҳо зиёда аз 1300 нафар омӯзгорону мураббиён ба таълиму тарбияи шогирдон машғуланд.

Дар соли хониши гузашта 24 нафар шогирдони мактабҳои ноҳияи Данғара сазовори чор медали тилло, нуҳ медали нуқра ва 11 медали биринҷӣ гаштанд.

Онҳо дар озмунҳои байналмилалӣ низ фаъолона иштирок намуда, соҳиби панҷ медали тилло ва се медали нуқра шудаанд, инчунин 91 нафар хатмкунандагон дар мактабҳои олии хориҷи кишвар сазовори номи донишҷӯй гардидаанд.

Дар баробари ин ҳама, таъкид менамоям, ки мо набояд аз ин пешравиҳо қаноатманд бошем, зеро чуноне ҳамаи шумо хуб медонед, илму техника ва технологияҳои ҷаҳонӣ бо суръати кайҳонӣ пеш меравад ва мо бояд кӯшиш кунем, ки фарзандони мо аз ин раванди босуръат қафо намонанд.

Дар шароити имрӯза вазифа ва рисолати шумо – фарзандони азиз аз он иборат аст, ки аз имкониятҳои бароятон фароҳамовардаи Давлату Ҳукумат ҳамаҷониба истифода баред, вақти худро ба омӯзиши амиқи илму дониши муосир сарф намоед, дар машғулиятҳои фаннӣ ва чорабиниҳои таълимиву варзишии мактаб ва пешбурди тарзи ҳаёти солим фаъолона иштирок варзед ва инчунин ҳамеша ҷиҳати аз бар намудани касбу ҳунарҳои замонавӣ саъю талош кунед. Зеро шумо ояндаи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва давомдиҳандаи анъанаҳои неки тамаддунсозиву маърифатпарварии миллати бошарафамон мебошед.

Дар фарҷоми сухан бори дигар ҳамаи шумо - сокинони бонангу номус ва ҳимматбаланди ноҳияи Данғара, инчунин устодону шогирдони мактаби навбунёди имрӯзаро ба муносибати ифтитоҳи мактаби нави замонавӣ табрик гуфта, бароятон рӯзгори орому осуда, тани сиҳат, хонаи обод ва тамоми хушиҳои зиндагиро орзумандам.

**Доимо сарбаланду комёб бошед!**

# Пешрафту суботи ҷомеа ба сатҳи донишу фарҳанги шаҳрвандон алоқаманд аст

**Суханронӣ дар маросими ифтитоҳи мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқат дар ноҳияи Данғара**
*25 сентябри соли 2012*



**Омӯзгорон ва хонандагони азиз!**

**Ҳозирини гиромӣ!**

Чунонки ҳамагон медонанд, солҳои охир ба шарофати пойдории сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва азму талоши ватандӯстонаи мардуми шарафманду заҳматпешаамон дар кишварамон раванди корҳои ободониву созандагӣ торафт вусъат пайдо намуда, дар тамоми қаламрави мамлакат садҳо иншооти таъиноти гуногун қомат меафрозанд ва ба симои Тоҷикистони соҳибистиқлоламон ҳусни тоза зам мекунанд.

Соли равон низ ба ифтихори таҷлили ҷашнҳои бузурги умумимиллиамон – бисту якумин солгарди Истиқлолияти давлатӣ ва бистсолагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон боз садҳо иншооти нави иҷтимоиву иқтисодӣ, аз ҷумла танҳо дар соҳаи маориф беш аз 240 мактаби наву замонавӣ, ба истифода дода мешаванд.

Боиси хушҳолист, ки дар раванди ин корҳои неки созандагиамон таъмиру таҷдиди мактабҳо ва бунёди муассисаҳои нави таълимиву синфхонаҳои иловагӣ, аз ҷумла мактаби президентии имрӯза барои хонандагони болаёқат ҳамчун макони таълиму тарбия, махзани муқаддаси илму адаб ва маркази асосии ташаккули наслҳои худшиносу ватандӯст мақоми шоиста дорад.

Ба ин муносибат ҳамаи шумо – ҳозирини гиромӣ ва тамоми мардуми заҳматкашу сарбаланди ноҳияи Данғара, вилояти Хатлон ва умуман кишвари азизамонро самимона табрик мегӯям ва ба ҳамаи онҳое, ки дар сохтмони мактаби мазкур саҳми ватандӯстонаи худро дареғ надоштаанд, миннатдорӣ баён менамоям.

Тавре ки дар Паёми имсолаи Президенти кишвар ба Маҷлиси Олӣ таъкид гардид, аз ҷониби Ҳукумати мамлакат барои таълиму тарбияи насли наврас ва муҳайё намудани шароити мусоиди таълимӣ тибқи Барномаи давлатии сохтмон ва таъмиру азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008-2015, ки маблағи умумии он зиёда аз 600 миллион сомониро ташкил медиҳад, то имрӯз зиёда аз 1000 мактаб сохта ё таъмиру азнавсозӣ карда шуд.

Дар ин раванд танҳо соли гузашта дар қаламрави кишвар 211 мактаб барои 34 ҳазор ҷойи нишаст, аз ҷумла дар вилояти Хатлон 61 мактаб барои 12 ҳазору 700 ҷойи нишаст сохта, ба истифода дода шудааст.

Умуман, дар замони истиқлолият бо дастгирии давлат дар миқёси кишвар зиёда аз 1 ҳазору 300 мактаби ҳозиразамон мавриди истифода қарор гирифт, ки аз ин шумора 476 мактаби нав ба вилояти Хатлон рост меояд.

Танҳо дар зарфи даҳ соли охир аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ дар ноҳияи Данғара 27 муассисаи нави таълимӣ сохта, ба истифода дода шудааст.

Боиси хушҳолист, ки сатҳу сифати таълим дар муассисаҳои таълимии ноҳия торафт беҳтар мешавад. Иштироки фаъолонаи хонандагони ноҳия дар олимпиадаҳои байналмилаливу озмунҳои дохилӣ ва дастовардҳои онҳо аз ин тамоюли нек шаҳодат медиҳад.

Масалан, танҳо дар давоми солҳои 2002-2012-ум 10 нафар толибилмони муассисаҳои таълимии ноҳия соҳиби медали тилло, 26 нафар соҳиби медали нуқра ва 39 нафар соҳиби медали биринҷӣ гардидаанд.

Давлату Ҳукумати кишвар ташкил намудани муассисаҳои таълимиро барои хонандагони болаёқат яке аз самтҳои муҳими фаъолияти соҳаи маориф мешуморад.

Ҳамин аст, ки дар солҳои истиқлолият бо ташаббус ва маблағгузории бевоситаи Ҳукумат дар қаламрави кишвар ҳафт литсей-интернати президентӣ барои хонандагони болаёқат бунёд карда шуд ва ҳоло дар онҳо зиёда аз чор ҳазор нафар фарзандони лаёқатманди аҳолии мамлакат ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Мо имрӯз наврасоне дорем, ки бо вуҷуди ҳанӯз хурдсол буданашон дар озмуну олимпиадаҳои байналмилалӣ ширкат намуда, бо дастовардҳои илмиву эҷодии худ имконияту қобилияти фарзандони Тоҷикистонро дар миёни кишварҳои дигар ба таври воқеӣ нишон медиҳанд.

Албатта, на ҳамаи наврасон ба чунин комёбиҳо ноил мегарданд, вале мо ҳаддалимкон бояд кӯшиш намоем, ки фарзандонамонро бомаърифат, соҳибкасб, дар рӯҳияи муҳаббат ба илму дониш, ифтихор аз фарҳанги пурғановати аҷдодӣ ва бо эҳсоси баланди худшиносиву ватанпарастӣ тарбия намоем.

Шумо дар ёд доред, ки мо ҳангоми сафари корӣ, моҳи августи соли гузашта, дар ноҳияи Бохтар мактаби президентиро барои хонандагони болаёқат мавриди истифода қарор дода будем.

Имсол аз 12 нафар хатмкунандагони ин муассисаи таълимӣ 11 нафарашон донишҷӯйии мактабҳои олии мамлакат, як нафар донишҷӯйии муассисаи таҳсилоти олии хориҷӣ гардидааст.

Муассисаи таълимии имрӯза, яъне мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқат дар ноҳияи Данғара аз ҷониби Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президент сохта шуда, барои таҳсили 640 нафар хонандагон пешбинӣ шудааст.

Мактаби мазкур аз 27 синфхонаи таълимӣ, ду бинои хобгоҳ барои 440 ҷой, бинои истиқоматии нуҳошёна барои омӯзгорон, ду китобхона, 10 синфхонаи компютерию лингофонӣ, ҳавзи шиноварӣ, толорҳои варзишӣ, маҷлисгоҳ, ошхона ва дигар иморатҳои ёрирасони муҷаҳҳаз иборат мебошад.

Яъне, барои шогирдони муассисаи таълимӣ ҷиҳати аз худ намудани илму дониш ва технологияҳои муосир, инчунин гузаронидани чорабиниҳои таълимиву варзишӣ тамоми шароити зарурӣ муҳайё карда шудааст.

Аз ин рӯ, вазифаи ҳар яки шумо – фарзандони азиз аз он иборат аст, ки мактаби зебову замонавии худро дӯст доред, онро эҳтиёт кунед, ба қадри меҳнати калонсолон расед ва барои ҳар чӣ бештару амиқтар омӯхтани илму дониш ва соҳиб гардидан ба касбу ҳунарҳои замонавӣ саъю талош варзед, зеро мо дар баробари фароҳам овардани ҳамаи шароити зарурӣ барои шумо ба қобилияти наврасону ҷавонони имрӯза ҳамчун созандагони фардои ватанамон итминони комил дорем.

Мо минбаъд низ бунёди мактабҳои типи нави замонавиро идома хоҳем дод. Масалан, мо ният дорем, ки то оғози соли хониши оянда дар шаҳри Кӯлоб боз як мактаби президентиро барои 640 нафар хонандагони болаёқат, ки ҳоло сохтмони он босуръат идома дорад, ба истифода супорем.

Ҳадафи мо аз вусъат додани корҳои бунёдкорӣ дар соҳаи маориф, сохтмони таълимгоҳҳои ҷавобгӯй ба талаботи замон ва муҳайё намудани шароити хуби таълимӣ, пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки кӯдакону наврасони Ватани азизамон бо баҳои хубу аъло ва ахлоқи намунавӣ таҳсил карда, аз дастовардҳои илму техника ва технологиҳои муосир баҳравар бошанд ва дар оянда ҳамчун фарзандони номбардори халқи бошарафу фарҳангсози тоҷик ба камол расида, дар пешрафти давлати соҳибистиқлоламон ва ободии сарзамини муқаддасамон саҳми арзандаи худро гузошта тавонанд. Зеро Ватанро танҳо кадрҳои соҳибкасбу бомаърифат обод мекунанд, давлатро шаҳрвандони донишманду баландихтисос муқтадиру неруманд мегардонанд ва пешрафту суботи ҷомеа аз сатҳи донишу фарҳанг ва ҷаҳонбинии афроди он вобастагии мустақим дорад.

Вобаста ба ин, таъкид месозам, ки мо дар давоми чанд соли оянда дар ҳама минтақаҳои кишварамон шумораи кофии муассисаҳои таълимиро бунёд намуда, бо вуҷуди афзоиши аҳолии мамлакат талаботи соҳаи маорифро дар ин самт асосан таъмин хоҳем кард.

Илова бар ин, мо ният дорем, бо назардошти афзоиши имкониятҳои иқтисодиамон, сол ба сол ҷиҳати баланд бардоштани маоши омӯзгорон ва беҳтар намудани вазъи иҷтимоии онҳо тадбирҳои амалӣ андешида, мақому манзалати устодро ба сатҳи шоиста расонем, то ки омӯзгор тавонад тамоми донишу малакаи хешро барои таълиму тарбияи наслиояндасози кишвар сафарбар намояд. Зеро, чунонки доим таъкид месозам, пешрафти ҷомеа аз бисёр ҷиҳат ба ташкили раванди бонизом ва босифати таҳсилоти шаҳрвандон вобаста буда, рушди давлат ва таҳкими пояҳои давлатдорӣ бо саъю талоши насли созандаву эҷодкор робитаи бевосита дорад.

Таҷрибаи зиндагӣ нишон медиҳад, ки ба мактаб ҳар чӣ бештар ҷалб намудани диққати падару модарон ба беҳтар шудани вазъи таълиму тарбия мусоидати фаъол мерасонад.

Яъне, мактаб дар сурате ба ташаккули ахлоқу рафтори нек ва донишандӯзии хонандагон бештар муваффақ мегардад, ки агар падару модар бо мактаб робитаи доимӣ дошта, ба таълиму тарбияи фарзандони худ ҷиддӣ машғул бошанд.

Бинобар ин, оилаву мактаб ва аҳли ҷомеа бояд хонандаро якҷоя тарбия кунанд ва ӯро ҳамчун шаҳрванди сазовори давлат ва ҷомеа ба воя расонанд.

Бовар дорам, ки иҷрои муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» барои ноил шудан ба ҳадафҳои давлату ҷомеа дар самти таълиму тарбияи фарзандон ва ба воя расонидани шахсиятҳои ободгару созанда нақши барҷаста хоҳад бозид.

Бори дигар хотирнишон месозам, ки заҳмати имрӯзаи мо ба хотири наслҳои наврас ва ҷавонон, яъне соҳибону ворисони ояндаи марзу буми аҷдодӣ мебошад.

Аз ин рӯ, ҳар яки моро зарур аст, ки бо шукргузорӣ аз неъмати бузурги бадастовардаамон - озодиву истиқлол, соҳибдавлативу соҳибихтиёрӣ, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ ҷиҳати рушди минбаъдаи иқтисодиву иҷтимоии кишвар, инчунин барои боз ҳам беҳтару хубтар намудани сатҳу сифати зиндагии халқамон бо ҳисси баланди ватандӯстӣ ва меҳру садоқат ба Ватани маҳбубамон аз ҳарвақта бештар заҳмат кашем.

Дар хотир бояд дошта бошем, ки пешрафти зиндагии ҳар як оилаи Тоҷикистон, тарбия ва ба камол расонидани наслҳои закиву зирак ва соҳибмаърифату донишманд пояҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва асосҳои фарҳангиву маънавии давлатро қавӣ мегардонад ва барои расидан ба ҳадафҳои неки ободгариву созандаамон мусоидат мекунад.

Дар хотима ҳамаи сокинони сарбаланду заҳматқарини ноҳияи Данғара ва вилояти Хатлон, инчунин шумо – ҳозирини гиромиро бори дигар ба муносибати ифтитоҳи мактаби навбунёди президентӣ табрику муборакбод намуда, бароятон бахту саодат, дар фаъолияти пурмасъулиятатон ба нафъи пешрафти кишвари азизамон барори кор ва ба шогирдони ин муассисаи таълимӣ таҳсили хубу аъло, ахлоқи ҳамида ва рафтори неку намуна орзумандам!

**Ҳамеша саломату сарбаланд бошед!**



Суратгир А. ИСОЕВ

# Дар Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**25 сентябри соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум баргузор гардид.**

Доир ба тасдиқи рӯзномаи ҷаласаи Шӯро қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд.

Раисони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия С. Раҷабов, оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният А.Азимов, оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия А.Катаев, оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон М.Ватанов масъалаҳои нахустини рӯзнома- «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси расмиёти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум)», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия»-ро ба муҳокимаи аъзои Шӯро пешниҳод намуданд.

Мутобиқи муқаррароти қарорҳои қабулнамудаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои мазкур ҷиҳати баррасӣ ба ҷаласаи якуми Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум пешниҳод гардиданд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи масъалаи навбатии рӯзнома-«Дар бораи таъсис додани гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қарор қабул кард.

Бо қарорҳои Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои зерини рӯзнома- «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин барои гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ ба шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуданд.

Қарорҳои Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи масъалаҳои охирини рӯзнома – «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи якуми Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи якуми Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум» қабул гардиданд.

Дар ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар масъалаҳои марбути фаъолият мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба масъулону мутасаддиён супоришу дастур дода шуд.

*Ҷумъахон НАБОТОВ, «Садои мардум»*

# Машварати корӣ бо роҳбарият ва фаъолони шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон

**25 сентябри соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Данғара бо роҳбарият ва фаъолони шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон машварати корӣ доир намуд.**

Дар машварат мавзӯи омодагӣ ба зимистон, масоили вобаста ба он ва дигар масъалаҳои ҳаёти ҷомеа баррасӣ шуд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо ёдоварӣ аз пешгӯйиҳои обуҳавосанҷон доир ба он, ки имсол низ сардиҳои тирамоҳу зимистон чун соли гузашта барвақт омада, хеле тӯл мекашад, масъулини ҷумҳуриявӣ ва маҳаллиро ба омодагии ҷиддӣ ба мавсими сардмоҳ ҳидоят намуд. Аз ҷумла таъкид гардид, ки ҳосили фаровони пахта, меваю сабзавот, лӯбиёгию полезиҳо ва ғалладонаи кишти такрорӣ пурра ва сари вақт ҷамъоварӣ карда шавад. Бо ёдоварӣ аз ҳосили фаровони картошка ва себ дар ноҳияҳои кӯҳистон таъкид гардид, ки ин маводи ғизойӣ низ бояд кашонда, барои зимистон захира карда шавад. Бори дигар хотиррасон гардид, ки ҳар як хонавода бояд захираи дусолаи озуқаворӣ ва маводи сӯхт дошта бошад. Супоришҳои мушаххас ҳамчунин доир ба захира кардани ангишт, хусусан барои муассисаҳои соҳаҳои маорифу тандурустӣ, дода шуд.

Бо дарназардошти он ки имсол дар аксари кишварҳои ғаллакор ҳосил кам ҷамъоварӣ шуда, нархи орду гандум нисбатан боло рафтааст, супориш дода шуд, ки аз ҳар ваҷаб замини корам барои истеҳсоли маҳсулоти гуногуни кишоварзӣ босамар истифода карда шавад. Ба ин хотир, ҳамчунин дастур дода шуд, ки кишти тирамоҳии ғалладона дар заминҳои обӣ аз ҳозир оғоз карда шавад. Масъулини дахлдор вазифадор гардиданд, ки ба кишоварзон барои ташкили дурусту босамари корҳо ҳамаҷониба кӯмак расонанд.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бори дигар таъкид намуд, ки пахтакорон минбаъд бояд ба ҷамъоварии ҳосили пахта бе ҷалби мактаббачагон одат кунанд, то ки хонандагон аз таълиму тарбияи босифат дур намонанд.

Бо ишора ба зарурати таҳкими фарҳанги сарфаю сариштакорӣ таъкид гардид, ки иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳти назорати ҷиддӣ қарор дода шавад.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон доир ба бунёди корхонаҳои нави саноатӣ, ривоҷ додани коркарди маҳсулоти ватанӣ дар дохили кишвар ва муҳайё намудани ҷойҳои корӣ ба масъулин супоришҳои мушаххас дода, аз ҷумла таъкид намуд, ки минбаъд ҳар як шаҳру ноҳия бояд корхонаи дӯхти либоси мактабӣ дошта бошад, то ки он дар дохил истеҳсол шуда, даромади молистеҳсолкунанда ва буҷети давлат афзун гардад.

Дар машварат ҳамчунин ахбори раиси вилояти Хатлон Ғайбулло Авзал ва раисони шаҳру ноҳияҳои вилоят шунида шуд. Аз ҷумла зикр гардид, ки то охири сол дар вилоят шумораи корхонаҳои хурди саноатии ҳамин сол бунёдёфта ба зиёда аз 110 адад мерасад. Давоми се соли охир дар вилояти Хатлон дар майдони зиёда аз 19 ҳазор гектар боғу токзори нав бунёд ёфта, ҳаҷми умумии он ба 40 ҳазор гектар расидааст.

Ҳамчунин иттилоъ дода шуд, ки имсол дар вилояти Хатлон бояд 280-300 ҳазор тонна пахта ҷамъоварӣ карда шавад ва ин, ба гуфти раиси вилоят, ҳосили хуб аст.

Тибқи иттилооти баёншуда, иқтидори содиротии вилоят сол ба сол, ҳамчунин аз ҳисоби афзоиши истеҳсоли меваю сабзавот, аз ҷумла пиёзи барвақтӣ, рӯ ба рушд овардааст.

Дар ахбори раиси ноҳияи Данғара Маҳмадулло Сайдалиев зикр гардид, ки имсол дар ноҳия зиёда аз 105 ҳазор тонна ғалладона истеҳсол ва барои пешниҳод ба бозор омода шудааст. Ҳоло дар ноҳия беш аз 10 ҳазор тонна ғаллаи хушсифати тухмӣ омода аст, ки наздики 5 ҳазор тоннаи он аз ҳосили имсола мебошад. Таъкид гардид, ки ноҳияи Данғара чун калонтарин ноҳияи ғаллакор ва дорои заминҳои беканор омода аст, ки дар таъмини фаровонии ғалладонагиҳо, орду гандум, ғаллаи хушсифати тухмӣ ва ҳам хӯроки дурушти чорво дар ҷумҳурӣ нақши намоён гузорад. Зикр гардид, ки имсол ноҳияи Данғара барои ду сол миқдори зарурии хӯроки чорво захира намуда, ҳамзамон то имрӯз зиёда аз 30 ҳазор тонна хасу хошок ба шаҳру ноҳияҳои дигар ба фурӯш баровардааст. Ҷамъоварӣ, захира ва фурӯши хӯроки чорво дар ин ноҳия ҳоло ҳам идома дорад.

Дар фароварди машварат Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон доир ба ин ва дигар масоили мавриди таваҷҷуҳ, аз ҷумла тарбияи ҷавонону наврасон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, мубориза беамон бо ҷинояткорӣ, хусусан бо нашъамандию нашъаҷаллобӣ, ба масъулин дастуру ҳидоятҳо дод.

*www.prezident.tj*



# ҲАМКОРИҲО ГУСТАРИШ МЕЁБАНД

**25 сентябри соли равон раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи сиҳатӣ, роҳбари Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Жогорку Кенешаи Ҷумҳурии Қирғизистон Хайринисо Юсуфӣ бо ҳайати вакилони парлумони Қирғизистон- Жогорку Кенеша таҳти роҳбарии Н.Арипов мулоқот намуд.**

Дар оғози суҳбат Хайринисо Юсуфӣ меҳмононро хайра мақдам гуфта, мухтасар доир ба фаъолияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот дод. Зикр гардид, ки дӯстии халқҳои тоҷику қирғиз аз умқи қарнҳо маншаъ мегирад ва дар шароити кунунӣ вусъат бахшидани он тақозои замон аст. Хайринисо Юсуфӣ аз ҷараёни сафараш ба Ҷумҳурии Қирғизистон, ки чанде пеш сурат гирифта буд, ёдовар шуда гуфт, ки ин сафар ҳамкориҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо Жогорку Кенешаи Ҷумҳурии Қирғизистон тавсеа бахшид. Ба андешаи Хайринисо Юсуфӣ, айни замон барои рушди муносибатҳои мақомоти олии қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон тамоми шароит, аз ҷумла заминаҳои ҳуқуқӣ, фароҳам оварда шудааст.

Дар навбати худ Н.Арипов ба намояндагӣ аз гурӯҳи меҳмонон барои пазиройии гарму самимӣ арзи сипос намуда, омодагии вакилони Жогорку Кенешаро баҳри мусоидат дар самти ривоҷи ҳамкориҳо иброз намуд. Номбурда ба масъалаи муносибати байнисарҳадӣ дахл намуда, баргузории вохӯрии аъзои Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории парлумонҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистонро бо сокинони навоҳии наздимарзӣ ба мақсад мувофиқ донист.

Дар мулоқот муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирганд Шабозов, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Л.Саидмуродов, С.Гиёев, О.Сафаров ва Т.Самадов иштирок доштанд.

***Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум»***

## ЖУРНАЛИСТИ ТОҶИК-ҶОИЗАДОРИ «ТЭФИ-СОДРУЖЕСТВО»

***Аз 13 то 16 сентябр дар шаҳри Остона- пойтахти Қазоқистон дуюмин Фестивали байналмилалии «ТЭФИ - Содружество» доир гардид.***

Марҳилаи аввали фестивал дар шаҳри Москва сурат гирифта, 53 филми мустанад ба он пешниҳод шуда буд. Аз байни онҳо 20 кори беҳтарин ҷудо шуд ва дар шаҳри Остона аз ҷониби коршиносон мавриди таҳлил қарор гирифт. Тоҷикистонро ду шабакаи телевизионӣ - Муассисаи давлатии «Телевизиони кӯдакону наврасон -Баҳористон» ва Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина» намояндагӣ карданд. Муассисаи давлатии «Телевизиони кӯдакону наврасон - Баҳористон» филми мустанади Темур Бандишоев «Таърихи мо» дар бораи ҳаёт ва фаъолияти устоди балет Малика Собирова ва Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина» филми мустанади Нури Наср «Навори вопасин»-ро, ки ба ҳаёт ва фаъолияти асосгузори кинематографияи тоҷик Комил Ёрматов бахшида шудааст, пешниҳод карданд. Даҳ филми беҳтарин аз даҳ ҷумҳурии ИДМ бо ҷоизаи «ТЭФИ –Содружество» мушарраф шуд. Муаллифи филми мустанади «Навори вопасин»-и корманди Муассисаи давлатии «Телевизион Сафина» Нури Наср низ бо «ТЭФИ-Содружество» мукофотонида шуд.

***Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум»***

●Вакил ва интихобкунанда

# ТАВАҶҶУҲ БА ИҶРОИ ҚОНУНҲО БЕШТАР БУД

**Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи интихоботии № 5 «Турсунзода» Баракатуллои Атохоҷа аз 15 то 20 сентябри соли ҷорӣ бо интихобкунандагон вохӯрию мулоқотҳо баргузор намуд.**

Чуноне дар суҳбат ба хабарнигори рӯзнома ва мавсуф изҳор дошт, вохӯрию мулоқотҳои ӯ дар ҷамоатҳои деҳоти Қаратоғ, Ғарав, 1-уми май ва Навобод доир шуд. Дар ин вохӯриҳо раиси шаҳри Турсунзода, узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатшо Гулмаҳмадов, масъулини мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр, роҳбарону мутасаддиёни соҳаҳои кишоварзӣ, маориф, тандурустӣ, фарҳанг, имомхатибони масҷидҳои ҷомеи шаҳр ширкат намуданд.

Дар ҷараёни мулоқоту вохӯриҳо роҷеъ ба самтҳои фаъолияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қабули як қатор қонунҳои нав, ки ҳуқуқу манфиатҳои кормандони соҳаҳои маорифу тандурустиро ба танзим меорад, имтиёзҳои пешбинишуда ба мансубини соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, маъюбону нафақагирон, ҳамчунин оид ба масъалаҳои ҳаёти иҷтимоӣ изҳори назар шуда, иштирокчиёни он як қатор пешниҳодот баён доштанд.

Ҳамзамон интихобкунандагон оид ба масъалаҳои гуногуни фаъолияти мақомоти давлатӣ, худидораи маҳаллӣ, такмили қонунгузории ҷорӣ ва мусоидат ба ҳалли як қатор мушкилоти ҷойдошта фикру мулоҳизаҳояшонро иброз карданд.

Таваҷҷуҳи бештари онҳое, ки ба вохӯрию мулоқотҳо омада буданд, ба раванди иҷрои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва муҳтавои Кодекси нави андоз нигаронида шуд. Кодекси нави андоз бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид ба рушди соҳаҳои гуногуни ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ қабул шудааст ва зимни мулоқотҳо ин ҳадаф ҳамвора таъкид гардид.

- Дастовардҳои беш аз бистсолаи Истиқлолияти давлатӣ назаррасанд. Бунёду сохтмони иншооти хурду бузурги таъиноти гуногун, сохтмону таҷдиди роҳҳои дохилӣ ва дорои аҳамияти минтақавӣ, комёбиҳои зиёди дигар - ҳама маҳсули давраи соҳибистиқлолӣ ҳастанд. Таҳкими ин ҳама ва афзунгардонии дастовардҳо моро водор мекунад, ки аз ҳарвақта бештар фаъолият намоем, - гуфт дар фарҷоми суҳбат вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Баракатуллои Атохоҷа.

***Абдулмаҷид МУРОДОВ, «Садои мардум»***

# МАҚСАД ОБОДИВУ СОЗАНДАГИСТ

**Аз санаи 12 то 20 сентябри соли равон дар даҳ ҷамоатҳои деҳот, муассисаҳои таълимӣ, корхонаву ташкилот ва хоҷагиҳои шаҳри Истаравшан ва навоҳии Ғончиву Шаҳристон вохӯриҳои вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаҳои интихоботии №23 «Истаравшан» Лутфулло Саидмуродов ва №24 «Ғончӣ» Саттор Холов бо интихобкунандагон баргузор гардид.**

Вохӯриҳои мазкур дар беморхонаи марказӣ, ҷамоатҳои деҳоти Гули Сурх, Ниҷонӣ, Правда, Сабристон, Нофароҷ, гимназия -парваришгоҳи шаҳри Истаравшан ва ду ҷамоати деҳоти ноҳияи Шаҳристон бо иштироки Лутфулло Саидмуродов ва дар ҷамоатҳои деҳоти Зарҳалол, Пошкент, Чорбоғ, Қалъаи Баланд, Ҷавкандаки Истаравшан ва як идда корхонаву ташкилотҳои дигари ин шаҳр ва ҳамчунин ҷамоатҳои деҳоти ноҳияи Ғончӣ бо иштироки Саттор Холов бо доираи васеи интихобкунандагон баргузор шуд.

Вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар суханрониҳои хеш самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар, аз ҷумла суръатбахшии ислоҳоти иқтисодӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодиву иҷтимоии кишвар, беҳдошти ҳатмии дастгирии иҷтимоии аҳолӣ дар шароити имрӯза, уҳдадориҳои давлат дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, пардохти музди меҳнат, баланд бардоштани маош дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва дигар соҳаҳои иҷтимоӣ, зиёд намудани ҳаҷми нафақа, ҷубронпулиҳо ва дигар кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ ва инчунин таъмини рушди соҳибкории хурду миёнаро равшану возеҳ барои мардум фаҳмониданд.

Дар ҷараёни вохӯриҳо вакилон аз корҳои иҷрокардаи хеш бобати ҳалли мушкилоту қазияҳо ва дархосту пешниҳодҳои интихобкунандагони хеш як навъ ҳисобот ҳам доданд. Интихобкунандагон бошанд, дар доираи масъалаҳои таъмиру таҷдиди роҳҳои мошингарди деҳот, таъминоти оби нӯшокӣ ва полезии як идда хоҷагиҳои деҳқонӣ, мусоидат ба сохтмони мактабҳои нав дар деҳаҳои Обҷувоз ва Сандағундаки деҳоти Правда, Сӯфӣ Ориф, таъмири мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №44 деҳаи Варсиқи деҳоти Чорбоғ ва ҳамчунин мушкилоти мавҷуда дар рӯзгори деҳоти навоҳии Шаҳристону Ғончӣ ба вакилон бо дархост муроҷиат намуданд.

Дар ҷамъбасти вохӯриву мулоқотҳо вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихобкунандагони хешро ба муттаҳидиву сарҷамъӣ, меҳнати содиқона ва саҳми арзанда гузоштан дар шукуфоии диёру сарзамини хеш даъват намуданд. Зимни суханрониҳояшон интихобкунандагон дастгирии хешро аз сиёсати пешгирифтаи Давлату Ҳукумат баён намуда, таъкид сохтанд, ки дар роҳи бунёдкориву ободкорӣ ва анҷом додани рисолати созандагӣ саҳми босазо хоҳанд гузошт.

***Ҳусейни НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»***

# Семинар дар мавзӯи муҳим

***24 сентябри соли 2012 дар Муассисаи давлатии «Душанбе-Плаза» дар мавзӯи «Ҳукумати электронӣ, намудҳои пешниҳоди хизматрасониҳои мақомоти давлатӣ дар шакли электронӣ ва таҷрибаи давлатҳои пешрафта дар татбиқи Ҳукумати электронӣ дар шаҳри Душанбе» семинар доир гардид.***

Тавре муовини Раиси шаҳри Душанбе А.Оев зикр кард, семинари мазкур, ки дар доираи татбиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 ноябри соли 2003 таҳти №1174 «Дар бораи Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» сурат мегирад, дар кори фароҳам овардани шароит ба хотири табодули таҷриба, тавсеаи истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва баланд бардоштани маълумот, донишу малакаи роҳбарон ва кормандони мақомоту сохторҳои шаҳрӣ ва ноҳияҳои он, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои бунёди ҳукумати электронӣ дар Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе мусоидат хоҳад кард. Вай ҳамчунин афзуд, ки Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дар ин самт бо роҳандозии таҷрибаи истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар қабулу баррасии саривақтии пешниҳоду муроҷиатҳои шаҳрвандон, назорат аз болои фаъолияти сохторҳои хизматрасонии коммуналӣ ба аҳолӣ ба натиҷаҳои назаррас комёб гардидааст ва минбаъд низ нисбати тавсеаи тадбирҳо чораҷӯиҳо хоҳад намуд.

Бо ибтикори роҳбарияти шаҳр бори нахуст дар низоми мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар кишвар ҷиҳати робитаи бевосита бо шаҳрвандон ва таъмини имкониятҳо дар ифодаи ирода, мавқеъ ва саҳмгузории онҳо дар фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ҳанӯз 19 ноябри соли 2004 Сомонаи расмии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе www.dushanbe.tj ва аз 13 октябри соли 2005 почтаи электронии Раиси шаҳри Душанбе dushanbe80@yahoo.com дар шабакаи Интернет фаъол карда шуд. Дар сомонаи мазкур Бахши иртибот бо Раиси шаҳри Душанбе (обратный связь) аз 13 октябри соли 2005 дар қисмати сомонагии «Раиси шаҳр» ҷой дода шудааст. Ба ин васила хоҳишмандон имконият доранд унвонии Раиси шаҳри Душанбе муроҷиат ё дархости худро ирсол намоянд.

Тавассути почтаи мазкур соли 2010 – 1090, соли 2011 -975 ва ба ҳолати 24 сентябри соли 2012 –ум 849 муроҷиат ворид шудааст ва ҳар кадоми онҳоро Раиси шаҳри Душанбе шахсан баррасӣ ва зери назорат қарор додааст.

Дар баробари ин, Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе бо ташкилоти «Ташаббуси шаҳрвандии сиёсати интернет» ҳамкорӣ намуда, лоиҳаи инноватсионии «Мо метавонем!» – ро дар шабакаи Интернет аз 1 феврали соли 2012 дар реҷаи мустақим («On-Line») 24 соат тавассути сомонаи www.mometavonem.tj ба истифода дод.

Агар дар гузашта сокинони шаҳр барои ҳалли мушкилоташон оид ба дастрасӣ ба хизматрасониҳои коммуналӣ тавассути телефонҳои боварии навбатдории шабонарӯзии доимоамалкунанда муроҷиат мекарда бошанд, ҳоло бо истифодаи сомонаи мазкур метавонанд бо фиристодани паёмакҳо ба рақами телефонии 988933333, почтаи электронии admin@mometavonem.tj, ё воридшавии бевосита ба сомонаи www.mometavonem.tj муроҷиатҳояшонро ирсол намуда, ҳолати иҷрои онҳоро аз ҷониби субъектҳои хизматрасон назорат ва дар харитаи электронии шаҳр дар сомона аз вазъи ҷойдоштаи хизматрасониҳо нисбати рафъи садамаҳо мустақиман мушоҳида баранд.

Дар давраи аз 1 феврал то 25 сентябри соли 2012 тавассути сомонаи мазкур 1661 муроҷиати сокинони пойтахт дар соҳаҳои гуногун ворид гардид, ки ҳама муроҷиатҳои воридгардида пурра ҳалли худро ёфтаанд.

Рӯзҳои наздик бо мақсади рушди унсурҳои «ҳукумати электронӣ», густариши робита бо институтҳои шаҳрвандӣ баҳри баланд бардоштани фарҳангу маърифати шаҳрнишинӣ, сатҳи иттилоотонии сокинон, фароҳам овардани шароитҳои иловагӣ дар татбиқи потенсиали созандаи онҳо бо роҳи қабули мустақими муроҷиату пешниҳод ва ташаббусҳои шаҳрвандон, бо ибтикори бевоситаи Раиси шаҳр лоиҳаи нави интерактивии «Бе миёнаравҳо» бо фаъолсозии сомонаи www.bemiyonaravho.tj, ба роҳ монда мешавад, ки фарогири бахшҳои тандурустӣ, маориф, фарҳанг, ҳифзи иҷтимоӣ, варзиш, ҷавонон, оила ва кӯдак, шуғл, зидди коррупсия, нақшаи генералӣ, инноватсия ва савдову хизматрасонӣ мебошад. Ҳамзамон бояд зикр кард, ки аз 21 июли соли равон тибқи қарори Раиси шаҳри Душанбе таҳти №360 Шӯрои машваратии назди Раиси шаҳри Душанбе оид ба технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар пойтахти ҷумҳурӣ таъсис гардидааст, ки ташкили асосҳои ҳуқуқию инфрасохтории ҳукумати электронӣ дар фаъолияти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи ин Шӯро мебошад.

***Ш. САИДОВ, котиби матбуотии Раиси шаҳри Душанбе***

# Ҳаракат ба пеш шарти муҳими тиҷорат аст

**Ба суоли хабарнигори рӯзнома: Зарурати ташкили ярмарка-намоишгоҳҳои маҳсулоти давлатҳои хориҷӣ чист?» - вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Шариф Раҳимзода чунин посух дод:**

-Бешак, ҳаёт дар ташаккул аст, аммо ҳеҷ чиз ҷойи муносибатҳои инсониро гирифта наметавонад. Аз ин ҷост, ки дастгирии фаъолияти ярмарка-намоишгоҳҳо яке аз рукнҳои асосии сиёсати инвеститсионии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Ба илова, ярмарка- намоишгоҳҳо ҷиҳати касби нуфузу мартабаи Тоҷикистон хеле муҳим аст ва майдони муносибати байналмилалии харидорон ва содиркунандагон ба ҳисоб меравад. Аз ин хотир, роҳбарияти Палатаи савдо ва саноати Тоҷикистон фаъолияташро дар ин самт хеле ҷиддӣ ба роҳ мондааст. Бо шарофати намоишгоҳҳо ва форумҳои тиҷоратӣ як қатор созишномаҳо ва санадҳои дигар оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ – тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ ба имзо расидаанд. Бояд тазаккур дод, ки ҷиҳати татбиқ намудани ҳамкориҳои судманди тиҷоратӣ ва иқтисодӣ бо истифода аз чунин имкониятҳо вохӯрию мулоқотҳои зиёд гузаронида шуд.

Намоишгоҳҳо моломоли рӯйдодҳо ва ҷамъомадҳост. Дар намоишгоҳҳои имрӯза ҳамкориҳои рӯ ба рӯ ва табодули афкор сурат мегиранд. Ҳамзамон яке аз самтҳои хеле муҳим- сиёсати инвеститсионӣ дар сатҳи тиҷорати хусусӣ ва ҳамкории давлатӣ ба роҳ монда мешавад, ки соҳибкорон метавонанд бо назардошти манфиатҳо ва майлу рағбаташон маблағҳояшонро ба самти воқеан ҳам муҳими технологияи пешқадам равона кунанд ва сармояашонро бо ин роҳ ба кор дароранд.

Тайи солҳои охир ман тағйир ёфтани муносибати иштирокчиёни Тоҷикистонро ба таври мусбат нисбати намоишгоҳҳо эҳсос карда истодаам. Акнун онҳо хеле мақсаднок сурат мегиранд.

Ҳукумати Тоҷикистон дар нақшаҳои рушди иқтисодии худ ба технологияи олӣ аҳамияти махсус медиҳад ва намоишгоҳҳои таъсисдодаи Палатаи савдо ва саноати Тоҷикистон аз ин нуктаи назар яке аз серталабтаринҳо ба шумор меравад, ки дар ягон гӯшаи дигари дунё дар як вақт ба ин андоза навовариҳоро дар бахшҳои гуногуни саноат, энергетика ва ғайра мушоҳида кардан имкон надорад.

Назари ман оид ба дар сатҳи касбӣ ташкил кардани намоишгоҳҳо аз ҷониби Палатаи савдо ва саноати Тоҷикистон некбинона аст, чунки дар ин намоишгоҳҳо маҳсулоти гуногун ба намоиш гузошта мешавад. Талабот ба намоишгоҳҳо ва форумҳо зиёд буд ва ҳамин тавр мемонад. Ҳамчунин андеша дорам, ки дар солҳои наздик ягон интернет ҷойи онро гирифта наметавонад, зеро танҳо дар намоишгоҳ бо чашми сар дидан, бо даст ламс кардани маҳсулоти технологияи олӣ имконпазир аст.

Албатта, мо тағйироти мусбӣ ва инкишофи муносибатҳои кории байналмилалиро ба хубӣ эҳсос намуда истодаем. Аз ҷониби дигар, боло будани нуфузу эътибори Тоҷикистон яке аз масъалаҳои ниҳоят муҳиму рӯзмарра аст. Танҳо бо ин роҳ мо метавонем, ки сармоягузорони хориҷиро ҳар чӣ бештар ҷалб кунем, ба муаррифии маҳсулоти худӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ муваффақ шавем.

***Шарофат АБДУЛВОҲИДОВА, хабарнигори «Садои мардум»***

●Олимони мо

***Саҳарии барвақт, чун одат, ки аз давраи Шӯравӣ мерос мондааст, роҳи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемурро пеш мегирам. Зеро пас аз фаъолият дар ҷабҳаҳои гуногуни бахшҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ касби омӯзгориро пеша кардам. Имонам комил аст: фарде, ки худро ба оғӯши илм ҳаво додааст ва солҳои зиёд дар таҳқиқи ягон риштаи илм машғул аст, худро фақат дар байни олимон ва муҳаққиқон чун моҳӣ дар об тасаввур менамояд. Пайғамбари Худо ҳазрати Муҳаммад (с) дар ҳадисҳои хеш фармудаанд: «Ҳар кӣ ду қадам дар роҳи таҳсили илм бардорад ва ду соат дар ҳузури олим бишинад ва ду калима аз ӯ бишнавад, худояш ду биҳишт ато кунад, ҳар яке ду баробари дунё».***

***Ин соат тавсифи фардеро карданиам, ки бешубҳа, аз олимони шинохтаи бахши кишоварзии тоҷик аст, ки дар рушди илми иқтисодиёти кишоварзӣ саҳми арзандае дорад.***

Ихлосмандони Абдураҳим Мадаминов чунон зиёданд, ки лаҳзае он касро танҳо намеёбед. Яке барои маслиҳат меояду дигаре рисолаи илмиашро барои хондан пешниҳод, сеюмин мақолаи илмиеро барои таҳрир пешниҳод мекунад. Сахтгириашонро ба назар гирифта, аксари шӯроҳои илмии дар Тоҷикистон амалкунанда он касро ба сифати коршинос истифода мебаранд, зеро медонанд, ки пас аз таҳлили устод кор ҷаллаи «Кишоварз» мақолаҳои илмии бо забони русӣ пешниҳодшударо таҳрир мекунанд, зеро забони русиро ба дараҷаи аъло медонанд. Саҳифае нест, ки устод бо қалами сурх дар он ислоҳ надароварда бошанд. Намегузоранд, ки дар саҳифаҳои маҷалла мақолаҳои каммазмун ҷой дода шаванд.

Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва донишгоҳ устод бо унвонҳои баланд қадр шудаанд, вале дар бораи онҳо сухан гуфтанро хуш надоранд.

# НИМ АСРИ УМРАШРО БА ДОНИШГОҲ БАХШИДААСТ



Ин шахс олими намоён, устоди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур, профессор Абдураҳим Асрорович Мадаминов мебошад.

Ӯ таҷриба ва дастовардҳои олимони ҷаҳониро эҷодкорона давом дода, асарҳои зиёде, аз қабили «Таҳлил ва ба барномадарории ҳосилнокии меҳнат», «Рушди устувори сектори аграрии Тоҷикистон (масъалаҳои назариявӣ)», «Муаммоҳои рушди устувори сектори аграрии Тоҷикистон» ва зиёда аз 160 мақолаи илмию методӣ навиштааст. Дар асарҳояш на танҳо имрӯзи иқтисоди кишоварзии кишварро таҳлил намудааст, балки роҳҳои ҳалли мушкилоти онҳоро бо факту рақамҳо нишон додааст.

«Тоҷикистон бо хусусиятҳои хоси минтақавиаш ба мутахассисони дорои тафаккури нави иқтисодӣ ниёз дорад…

Таҳқиқот нишон додааст, ки нарасидани мошинисти комбайн ва тракторчӣ ба бахши аграрӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад. Масалан, бо сабаби нарасидани мошинисти комбайн, агар мӯҳлати ҷамъоварии ҳосил даҳ рӯз ба таъхир афтад, ҳосил 10-13 дар сад талаф меёбад. Дар давраи ҳосилзамкунии пахтазор (моҳҳои июл, август) бо сабаби нарасидани обмон, агар мӯҳлати обмонӣ 5-6 рӯз ба таъхир афтад, метавонад боиси талафоти 30 дарсади ҳосил гардад» -навиштааст устод. («Муаммоҳои рушди устувори сектори аграрии Тоҷикистон», Душанбе, соли 2006, саҳ.269).

Ин иқтибос аз он гувоҳӣ медиҳад, ки асарҳояш на танҳо бахши назариявии масъалаҳои иқтисодиро, балки роҳҳои ҳалли муаммоҳои кишоварзиро бо тамоми нозукиҳояш дар бар мегиранд.

Ҳамон донишгоҳ... пухта мешавад. Боре надидаам, ки устод ба унвонҷӯйе ҳангоми ҳимояи рисола бетараф монда бошанд. Доимо якчанд савол медиҳанд ва дар муҳокимаи масъала фаъолона иштирок менамоянд. Ба фикри эшон тамоми масъалаҳои баҳсталаб бояд ҳангоми муҳокимаи масъала дар шӯрои экспертҳо ва то ҳимоя ҳалли худро ёбанд. Маросими ҳимояи рисола бояд идона гузарад, зеро он дар хотири ҳам унвонҷӯй ва ҳам аъзои шӯро нақш мебандад. Борҳо шунидаам, ки талқин менамуданд:

*Сухан дуррест пинҳонӣ,*
*сухан шерест зиндонӣ,*
*Замоне дар тафаккур беҳ,*
*ки умре дар пушаймонӣ.*

Зеро медонанд, ки то як рисола ба ҳимоя мебарояд, ҳам унвонҷӯй ва ҳам устоди ӯ «хуни ҷигар» мешаванд. Худи устод дар синни 69 -солагиашон рисолаи докторӣ дифоъ карданд, ки боиси таҳсин ва пайравист. Бо вуҷуди он ки устод Абдураҳим Асрорович серкоранд барои чоп дар маҷаллаи...

Мутаассифона, дар ин нигоштаам натавонистам тамоми хислатҳои неки ин инсони шарифро рӯйи саҳифа биёрам ва аз накукориҳояш ҳикоя намоям. Вале шогирдонаш дар Федератсияи Россия, Эрону Афғонистон, Муғулистон, Украина, Беларус, Молдова бо истифода аз дониши додаи устодашон ба кору амали хеш ӯро аллакай муаррифӣ кардаанд. Маърӯзаҳои илмиашон дар конференсияҳои байналмилалии дар Гаага, Торонто, Анқара, Тошканд баргузоргардида ба устод шӯҳрати ҷаҳонӣ додаанд. Устод олимест, ки илмаш бо амалаш якҷост.

Мо ба устод саломатӣ хоста, аз забони шоир гуфтанием:

*Ҷаҳонат ба ком,*
*фалак ёр бод,*
*Ҷаҳонофаринат*
*нигаҳдор бод.*

***Ихтиёр АШӮРОВ, доктори илмҳои иқтисодӣ***

## Вакилони халқ 1938-2010



# ДАЪВАТИ ШАШУМ 1963 - 1967

(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта)

### ШОКИРОВ Халил
**Вакил аз ҳавзаи интихоботии Калинин №163, ноҳияи Қӯрғонтеппа**



Соли 1929 дар деҳаи Ғазантераки ноҳияи Ӯротеппа таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ миёнаи нопурра.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1946 ҳамчун колхозчии колхози «18-солагии Октябр»-и шаҳри Қӯрғонтеппа сар карда, ҳисобчии колхоз, аз соли 1957 сардори бригадаи пахтакории колхози ба номи Ленини раёсати истеҳсолии колхозӣ-совхозии Қӯрғонтеппа шуда кор кардааст.

### ВОРОНИН Юрий Дмитриевич
**Вакил аз ҳавзаи интихоботии Қизилқалъа №164, ноҳияи Қӯрғонтеппа**



Соли 1913 дар шаҳри Изнаи Уляновск таваллуд ёфтааст. Миллаташ рус, таҳсилоташ олӣ.

Фаъолияти меҳнатиашро дар Тоҷикистон соли 1930 сар кардааст. Дар солҳои 1935-1950 дар совхози пахтакории «Тухмипарвар» агроном, сарагроном ва директор шуда кор кард. Солҳои 1950-1962 дар совхози ба номи Куйбишев роҳбарӣ намуд. Соли 1962 котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунисти шаҳри Қӯрғонтеппа интихоб гардид.

Бо ордени Ленин ва унвони Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ сарфароз шудааст.

### КАРИМОВА Ширингул
**Вакил аз ҳавзаи интихоботии Киров №165, ноҳияи Қӯрғонтеппа**



Соли 1934 дар деҳаи Сангтӯдаи ноҳияи Данғара таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ миёнаи нопурра.

Аз соли 1954 дар совхози ба номи Кирови раёсати истеҳсолии колхозӣ-совхозии Қӯрғонтеппа кор кардааст.

### ТУРДИЕВ Холмурод
**Вакил аз ҳавзаи интихоботии Коминтерн №166, ноҳияи Қӯрғонтеппа**



Соли 1911 дар ноҳияи Қӯрғонтеппа таваллуд ёфтааст. Миллаташ ӯзбек, таҳсилоташ миёна.

Солҳои 1941-1942 раиси колхози «Қизил Шарқ», солҳои 1948-1950 котиби Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Қӯрғонтеппа, солҳои 1950-1952 раиси колхози ба номи Фрунзе ва аз соли 1952 раиси артели хоҷагии деҳоти ба номи Карл Маркси раёсати истеҳсолии колхозӣ-совхозии Қӯрғонтеппа буд.

Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ. Бо орденҳои Ленин, Ситораи Сурх, Байрақи Сурхи Меҳнат ва медалҳо мукофотонида шудааст.

### НАРЗИҚУЛОВ Ибодулло Қосимович
**Вакил аз ҳавзаи интихоботии Куйбишев №167, ноҳияи Қӯрғонтеппа**



Соли 1909 дар шаҳри Самарқанди ҶШС Ӯзбекистон таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик. Номзади фанҳои иқтисодӣ, академик.

Ҷонишини раиси Раёсати филиали Тоҷикистонии АИ СССР, Академик-котиби АИ ҶШС Тоҷикистон, ректори Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, ҷонишини раиси Шӯрои вазирони ҶШС Тоҷикистон кор кардааст. Аз соли 1957 ноиб-президенти АИ ҶШС Тоҷикистон буд.

Раиси Ҷамъияти Тоҷикистонии дӯстӣ ва робитаҳои маданӣ бо мамлакатҳои хориҷӣ буд.

### РАҲИМОВ Ҷаббор
**Вакил аз ҳавзаи интихоботии Октябр №168, ноҳияи Қӯрғонтеппа**



Соли 1930 дар деҳаи Қаратоғи ноҳияи Регар таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ миёна.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1945 сар кардааст. Соли 1954, пас аз хатми мактаби хоҷагии қишлоқ оид ба тайёр намудани раисони колхозҳо, агрономи қитъавии МТС-и Октябр, баъд дар колхози «Коммунизм»-и раёсати истеҳсолии колхозӣ-совхозии Қӯрғонтеппа мудири агроқитъа шуда кор кард.

Бо медали «Барои меҳнати шуҷоатнок» мукофотонида шудааст.

### ҶӮРАЕВ Сайдулло
**Вакил аз ҳавзаи интихоботии Пролетар №169, ноҳияи Қӯрғонтеппа**



Соли 1930 дар шаҳри Конибодом таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Соли 1954 баъди хатми Институти хоҷагии қишлоқи ҶШС Тоҷикистон сарагрономи МТС-и шаҳри Қӯрғонтеппа шуда кор кардааст. Соли 1956 раиси колхози «Правда» интихоб шудааст.

Бо ордени Байрақи Сурхи Меҳнат мукофотонида шудааст.

### РАЙТ Евдокия Андреевна
**Вакил аз ҳавзаи интихоботии Тошработ №170, ноҳияи Қӯрғонтеппа**



Соли 1924 дар вилояти Чернигов таваллуд ёфтааст. Миллаташ немис, таҳсилоташ миёнаи нопурра.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1941 дар колхози «Красное знамя»-и вилояти Донетски ҶШС Украина ҳамчун сардори звено сар кардааст. Дар колхози «Ленинград» говдӯш шуда кор мекард.

Бо ордени «Нишони Фахрӣ» ва бо Ифтихорномаи Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон мукофотонида шудааст.

### ЗАЛИЗЮК Пётр Иосифович
**Вакил аз ҳавзаи интихоботии Абӯалӣ ибни Сино №171, ноҳияи Ленин**



Соли 1906 дар вилояти Винницаи ҶШС Украина таваллуд шудааст. Миллаташ украин, таҳсилоташ олӣ.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1919 сар кардааст. Хизмати ҳарбиро соли 1928 аз аскари қаторӣ сар карда, то ба дараҷаи генерал-лейтенант расидааст.

Бо орденҳои Ленин, Байрақи Сурх, Суворов ва Кутузови дараҷаи II, Ситораи Сурх ва 13 медали ҳукумати Иттифоқи Шӯравӣ мукофотонида шудааст.

(Давомаш дар шумораҳои оянда)

**Ба диққати хонандагони рӯзнома!**
**Хоҳишмандон метавонанд китоби «Вакилони халқ 1938-2010»-ро аз Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас намоянд. Телефонҳо барои тамос: 221-35-53, 221-96-78**

●Мукофот муборак!

# Раҳнаварди кӯйи сухан

Номи журналист ва нависанда Сипеҳр Абӯабдуллоҳи Ҳасанзодро дар рӯйихати онҳое, ки ба истиқболи ҷашни 21-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мукофотҳо ва ҷоизаҳои олии давлатӣ, унвонҳои фахрӣ ва рутбаҳои баланди низомию махсус сарфароз гардидаанд, дида, хеле хушҳол шудам. Воқеан, ин ҷавонмарди заҳматкаш, пуркор ва хушқалам арзандаи мукофотҳост. Ӯро чандин сол боз мешиносам. Чакидаҳои хомаашро дар саҳифаҳои матбуот бисёр хондаам, бо китобҳои навиштаи эшон ошноӣ дорам, филму барномаҳои телевизиониашро тамошо кардаам. Навиштаҳояш бозгӯйи афкори тоза, нияти неку созанда ва ҳақиқатталошиаш мебошанд. Инак, натиҷаи заҳматҳояшро бо медали «Хизмати шоиста» қадрдонӣ карданд. С.Ҳасанзод беш аз 30 сол мешавад, ки дар соҳаи матбуот кор мекунад. Вай зодаи оилаи намунавист. Аз хурдӣ падараш Абӯабдуллоҳ ва модари бузургвораш Гулдастамоҳ, ки деҳқонони меҳнатқарин ва шахсони фозил буданд, ӯро дар рӯҳияи қадамзанӣ дар роҳи рост, дарёфти ризқи ҳалол ва некниятиву некройӣ тарбият мекарданд ва таъкид менамуданд, ки барои ин бояд инсон ақли Худододро ҳамеша такмил диҳад, дониш омӯзад, илмҳои гуногунро аз бар намояд. Ин насиҳату ҳидояти волидон Сипеҳрро дар роҳи донишандӯзӣ собитқадам гардонд.

Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 6-и деҳаи Кадучии ноҳияи Восеъро бо баҳои аъло хатм карда, роҳи Душанбеpo пеш гирифт ва шомили бонуфузтарин таълимгоҳи олии кишвар - Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) гардид. Баъди хатми бомуваффақияти донишгоҳ, соли 1980 фаъолияташ ба сифати хабарнигор дар рӯзномаи « Газетаи муаллимон» оғоз ёфт. Сипас, дар нашрияҳои «Роҳи Ленинӣ»-и вилояти Кӯлоб ва «Барои коммунизм»-и ноҳияи Совет (ҳоло Темурмалик) кор кард. Ва як муддати кӯтоҳ дар идораи фарҳанги комиҷроияи вилояти Кӯлоб фаъолият намуда, аз нав ба хабарнигорӣ пардохт. Дар ин миён барои такмиди дониши хеш дар Донишкадаи андоз ва ҳуқуқ низ таҳсил намуда, онро соли 2006 бо дипломи аъло хатм намуд ва соҳиби ихтисоси дуюм – ҳуқуқшинос гардид. Ба мисли Сипеҳр Абӯабдуллоҳи Ҳасанзод шахси босаводу қаламкаши боистеъдод ва ҳамзамон мутахассиси соҳаи ҳуқуқ ба Кумитаи гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур буд ва ӯро соли 1997 ба ин мақомот ба ҳайси нозири калон ба кор қабул карданд. Тӯли фаъолият дар ин ҷо дар тарғибу ташвиқи соҳа, ташкилу гузаронидани ҷаласаҳои Шӯрои роҳбарони Хадамоти андози давлатҳои ЕврАЗЕС, 23-юмин Шӯрои роҳбарони Хадамоти гумруки назди Кумитаи ҳамгироии ЕврАЗЕС, чораёни инъикоси онҳо дар воситаҳои ахбори омма саҳми босазо гузошт. Ҳамчунин бо иқдоми вай чопи мунтазами ҳуҷҷату меъёрҳои ҳуқуқӣ ва маводи ҷолибу хонданӣ дар рӯзномаю маҷаллаҳои «Боҷу хироҷ», «Навиди гумрук», «Паёми Вазорати даромадҳо ва пардохтҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Гумрук», нашрияҳои расмии «Ҷумҳурият» ва «Садои мардум» ба роҳ монда шуд. Аз моҳи апрели соли 2001 С. Ҳасанзод сармуҳаррири маҷаллаи «Гумрук»-и Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Сипеҳр Абӯабдуллоҳи Ҳасанзод дар баробари фаъолияти гуногунҷабҳаи рӯзноманигорӣ ба эҷоди асарҳои бадеӣ низ машғул аст ва муаллифи даҳ китоби оммавӣ-бадеӣ мебошад. Соли 2005 дар қатори асарҳои адибони тоҷик, бо дастгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон нашриёти «Адиб» китоби калонҳаҷми Сипеҳр Абӯабдуллоҳи Ҳасанзод «Офтобо, ба ғуруб марав…»-ро ба табъ расонд. Бо чунин ҳаҷм китоби дигари ӯро соли 2010 нашриёти «Адиб» зери унвони «Гулхани сабз» чоп кард.

Дар қиссаю ҳикоёти С. Ҳасанзод тасвири расму анъанаҳои миллӣ бо истифодаи ибороти рехтаи халқӣ бамавқеъ ва ҷолиб корбаст шудааст. Зимни таҳлили ин китобҳо мунаққидон, донишмандон, рӯзноманигорон ба заҳмати нависанда баҳои баланд доданд. Роҷеъ ба китоби «Офтобо, ба ғуруб марав…» тавассути матбуоти даврӣ беш аз 30 нафар олимону адабиётшиносони шинохтаи кишвар изҳори ақида кардаанд. - «Сипеҳр аз зумраи адибонест, ки дар қиссаву ҳикояҳояш ҳамвора роҳҳои кашфи паҳлуҳои нозуки ҷаҳони маънавии инсонро ҷустуҷу мекунад. Забони қиссаву ҳикояҳои Сипеҳр пур аз таъбиру иборaҳои нобу хушобуранги мардумист. Тасвиру руҷӯъҳои лирикии ӯ, ки гоҳе ба саҷъ мегараванд, хеле дилчасп воқеъ афтодаанд», -менависад узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Хуршеда Отахонова. Адиб ва рӯзноманигори тоҷик Холмаҳмад Мавлон бошад, ба ҳунару истеъдоди Сипеҳр чунин баҳогузорӣ кардааст: «Сипеҳр Абӯабдуллоҳи Ҳасанзод солҳост, ки ҳамчун рӯзноманигори дидовар ва нависандаи ҷуръатманди хубэҷод раҳнаварди собитқадаму шайдоии кӯйи сухан аст. Гарояндаву гирифтори сеҳри вожаҳо ҷуз касабаи навиштану навиштан думодуми кору бори дигаре нарафт, муҳтоҷи хокистари ғайре нашуд. Рӯзии хешро аз рози вожаҳо ҷуст, хони маънавиёту фарҳанги тоҷикро ғизое афзуд, ғизои фикри тару тозае, ғизои ҳарфи нагуфтае. Ба гуфти дигар намақсуде хеле гуворову хушмаззае бахшид мухлисону роғибони суханҳои парвардаи хешро. Ҳама навиштаҳои ӯро рагу реша зиндагии хеле соддаи мардуми диёр аст. Ҳама ҳарфҳояш мисли шиша шаффофанд, ки ба як хондан зуду сабук мазмунро мефаҳмӣ, на, ғалат гуфтам, балки ғояи воқеии асарро мебинӣ ва худ низ новоқифу бехабар иштирокдори ҳодисоти қиссаҳову ҳикояҳояш мешавӣ. Яъне, ҳарири аз колои сухан бофтаи Сипеҳр малеҳу нафису нозуку парниёнист». Аз ҷумлаи хизматҳои назарраси рӯзноманигор ва адиби варзида С. А. Ҳасанзод ин зинда гардонидани номи фарзандони фарзонаи халқи тоҷик ва намояндагони насли аввали санъатварони ҷумҳурӣ, аз қабили ҳофизони халқӣ Ҳошим Қосим, Бобохалили Одина, Шарифи Мирзонабот, Ашӯри Носир, Раҷабмади Валӣ, Саъдуллоҳи Карим, Азизи Сабзалӣ ва даҳҳо дигарон мебошад. Заҳмату ҷустуҷӯҳои вай дар ин бора, ки дар силсилаочеркҳояш инъикос ёфтаанд, бо Ҷоизаи Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ба номи Абулқосим Лоҳутӣ ( соли 2004) қадрдонӣ шуд. Сипеҳр Абӯабдуллоҳи Ҳасанзод, ки худ шахси қадршиносу заҳматпеша аст, дар ҷавоби қадршиносиҳои Давлату Ҳукумат саъй дорад бо эҷоди пурмаҳсули худ ба манфиати халқу Ватан ҳар чӣ бештар саҳмгузорӣ намояд. Устодро бо мукофоти олӣ муборакбод гуфта, дар роҳи амалӣ гаштани ниятҳои хайраш комёбӣ таманно мекунем.

***Б.КАРИМЗОДА, «Садои мардум»***

Тавре аз Маркази матбуот ва иттилооти Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ доданд, дар толори Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон конфронси байналмилалӣ оид ба ислоҳоти соҳаи кишоварзии Тоҷикистон доир гардид. Дар ҷамъомад намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, олимону мутахассисони соҳаи кишоварзӣ, намояндагони созмонҳои байналмилалию ташкилотҳои ҳукуматӣ ва ғайриҳукуматӣ иштирок намуданд.

## Баррасии мавзӯи ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ

Дар оғоз намояндаи Шӯрои ҳамоҳангсозии рушд, роҳбари дафтари Ҷамъияти Олмонӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ оид ба Стратегияи миёнамуҳлати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 (Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ) Стефан Эрбер сухани ифтитоҳӣ намуд.

Сипас, муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Муродалӣ Алимардон оид ба дастовардҳо ва натиҷаҳои асосии ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ ва кори якҷояи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарикони рушд дар солҳои 2009-2012 ибрози назар кард.

Ҳамоҳангсози Барномаи ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ дар Шӯрои ҳамкориҳои рушд, мушовири калони сиёсии Дафтари Ташкилоти озуқа ва кишоварзии СММ (ФАО) ҷаноби Насим Ҷавад оид ба қадамҳои навбатӣ, хулосаи мухтасари нақшаи корӣ, масъалаҳои ҳалталабе, ки мебояд пайгирӣ кард, сухан ронд.

***Ф. ҲАБИБУЛЛОЕВА, «Садои мардум»***

# ЭЪЛОН

## Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ишғоли мансаби холии маъмурии хизмати давлатӣ ОЗМУН эълон менамояд

1.Мушовири калони Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният

**Талабот аз довталабон:** *таҳсилоти олии касбӣ, таҷрибаи корӣ ҳафт сол аз рӯйи ихтисос, се сол собиқаи хизмати давлатӣ, донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», донистани забони давлатӣ, русӣ ва кор бо компютер ҳатмист, донистани забони хориҷӣ ба инобат гирифта мешавад.*

**Довталабон ҳуҷҷатҳои зеринро ба озмун пешниҳод намоянд:**

-ариза ба номи Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
-варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо;
-тарҷумаи ҳол;
-нусхаи шиносномаи шахсӣ;
-нусхаи ҳуҷҷат дар бораи таҳсилот;
-нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ;
-расми 3х4 ду дона;
-маълумот оид ба вазъи саломатӣ (шакли-086УЕ);
-рақами мушаххаси андозсупоранда;
-эъломия оид ба андоз аз даромад ва вазъи амвол.

***ЭЗОҲ:*** барои ишғоли мансаби холӣ довталабе даъват карда мешавад, ки нишондодҳои тахассусии ӯ ҷавобгӯйи талаботи муқаррарнамудаи комиссияи озмун бошад.

**Муҳлати қабули ҳуҷҷатҳо то 1 ноябри соли 2012.**

**Суроға: ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42.**

**Телефон барои маълумот: 221-33-07.**

## Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии зерин ОЗМУН эълон менамояд

| т/р | Шумораи бастаҳо | Номгӯйи мансабҳои холӣ | Маоши вазифавӣ (сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | 1 | Сармутахассиси шуъбаи назорат ва таҳлили раёсати мониторинг ва сиёсати экологӣ | 773 |
| 2 | 1 | Мутахассиси пешбари шуъбаи назорат ва таҳлили Раёсати мониторинг ва сиёсати экологӣ | 570 |
| 3 | 1 | Мутахассиси шуъбаи назорат ва таҳлили Раёсати мониторинг ва сиёсати экологӣ | 448 |
| 4 | 1 | Мутахассиси пешбари раёсати хоҷагии ҷангал ва ҲТММ | 598 |
| 5 | 1 | Сармутахассиси ҳуқуқи раёсати корҳо | 665 |
| 6 | 1 | Сардори шуъбаи назорати истифода ва ҳифзи захираҳои об | 1207 |
| 7 | 1 | Сармутахассиси шуъбаи экспертизаи баъдилоиҳавӣ ва маводҳои кимиёвии экспертизаи давлатии экологӣ | 633 |
| 8 | 2 | Мутахассиси пешбари шуъбаи экспертизаи баъдилоиҳавӣ ва маводҳои кимиёвии экспертизаи давлатии экологӣ | 518 |
| 9 | 2 | Мутахассиси шуъбаи экспертизаи баъдилоиҳавӣ ва маводҳои кимиёвии экспертизаи давлатии экологӣ | 427 |
| 10 | 1 | Мутахассиси шуъбаи ҳифзи муҳити зисти шаҳри Ваҳдат | 427 |
| 11 | 1 | Сармутахассиси шуъбаи ҳифзи муҳити зисти шаҳри Роғун | 645 |
| 12 | 1 | Мутахассиси пешбари шуъбаи ҳифзи муҳити зисти шаҳри Роғун | 481 |
| 13 | 1 | Сармутахассиси бахши ҳифзи муҳити зисти ноҳияи Шаҳринав | 546 |
| 14 | 1 | Сармутахассиси шуъбаи ҳифзи муҳити зисти ноҳияи Рӯдакӣ | 665 |
| 15 | 1 | Мутахассиси шуъбаи ҳифзи муҳити зисти ноҳияи Рӯдакӣ | 367 |
| 16 | 1 | Мутахассиси пешбари бахши ҳифзи муҳити зисти ноҳияи Нуробод | 505 |
| 17 | 1 | Сармутахассиси бахши ҳифзи муҳити зисти ноҳияи Ҷиргатол | 546 |

**Талабот ба довталабон:**

-маълумот – олии касбӣ, миёнаи махсуси касбӣ;
- ариза ба унвони Кумита;
- варақаи баҳисобгирии кадрҳо;
- тарҷумаи ҳол;
- 3 дона расми 3х4 (ранга);
- маълумотномаи тиббӣ дар бораи вазъи саломатӣ №086ЕУ;
- нусхаи диплом;
- нусхаи гувоҳнома аз мақомоти андоз;
- тавсифнома аз ҷойи кори охирон;
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ;
- нусхаи шиноснома;
- нусхаи шаҳодатномаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ (СИН);
- нусхаи хати ақди никоҳ.

Нишонии қабули ҳуҷҷатҳо: шаҳри Душанбе, кӯчаи Шамсӣ 5/1, индекс 734064.

**Муҳлати гузаронидани озмун – 14 рӯз баъд аз рӯзи нашр.**

## Ҷамъоварии ҳосили пахта идома дорад

Иҷрои нақшаи ҷамъоварии пахта дар вилояти Хатлон аз нисф гузашт. Кишоварзони вилоят то имрӯз 132884 тонна пахта ҷамъоварӣ карданд,ки баробари 50,4 фоизи дурнамо мебошад. Дар маъракаи ҳосилғундории вилоят пахтакорони ноҳияҳои Шаҳритус, Сарбанд, Носири Хусрав ва Бохтар пешсаф мебошанд. Пахтакорони вилояти Суғд бошанд, имсол 112500 тонна ҳосил гирифтанианд ва айни замон 70952 тонна «тиллои сафед» ҷамъоварӣ кардаанд, ки баробари 43,8 фоизи дурнамо мебошад. Ҷамъоварии пахта дар ноҳияҳои Спитамен, Конибодом, Ҷаббор Расулов нисбатан хуб ба роҳ монда шудааст. Дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дурнамои ҷамъоварии пахта 25115 тоннаро ташкил медиҳад. Пахтакорони ноҳияи Ҳисор аллакай иҷрои нақшаи ҷамъоварии пахтаро 50,9 фоиз таъмин кардаанд.

Тавре аз Маркази матбуот ва иттилооти Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар доданд, соли ҷорӣ деҳқонони ҷумҳурӣ дар майдони 199466 гектар кишти пахта гузаронидаанд ва тибқи дурнамо бояд 401115 тонна пахта ҷамъоварӣ карда шавад. Аз аввали мавсим ( то санаи 25 сентябри соли 2012) дар мамлакат 189503 тонна пахта ҷамъоварӣ карда шудааст,ки баробари 47,2 фоизи дурнамо мебошад.

***К. БУРҲОНИДДИН, «Садои мардум»***

## Объявление на замещение вакантной должности

**Центр управления Проектом развития муниципальной (коммунальной) инфраструктуры в Республике Таджикистан объявляет конкурс на замещение следующей вакантной должности:**

**Офис-менеджер**

**Квалификационные требования:**

- высшее образование, желательно экономическое, в области управления частными предприятиями и компаниями или в других подобных областях;
- опыт работы с проектами, финансированными Всемирным Банком или другие международные проекты;
- не менее двух лет опыта работы
- знание республиканского законодательства в области финансового и бухгалтерского учета и отчетности; умение творчески подходить к решению различного рода задач;
- организаторские способности;
- коммуникабельность, доброжелательность, умение работать с персоналом;
- знание таджикского, русского, английский язык (преимущество);
- компьютерные навыки, знание программ Excel, Word

Подробное описание заданий можно получить в Центре управления Проектом.

Биография, копия диплома, резюме и др. документы должны быть представлены до 17[00] ч., 15 октября 2012 года по адресу: **г. Душанбе, ул. Н. Карабаева 56, ЦУП, 4-й этаж.**

**Тел: 233-88-25, 233-13-30.**

Почта: **Эл.** **office@midp.tj**


## «БАЮ-БАЙ» - хоби ширин, хурдтаракон




**(Витаминҳои зиндаи табиат)**

«Баю-Бай»- маҳсулоти навоваронаву нодир буда, дар асоси технологияҳои баланд истеҳсол шуда, дар Федератсияи Россия бемисл аст. Беҳуда нест, ки дар давлатҳои Россияву Аврупо харид ба талаботи ин маҳсулот барои кӯдакон дар ҷойҳои аввал меистад.

«Баю-Бай» ба камшавии вақти хоббарӣ ва шумораи бедоршавиҳои шабона мусоидат намуда, ҷиҳатҳои муҳимтарини хобро ба меъёр меорад.

Ба фаъолшавии равандҳои хотира ва ақлонӣ мусоидат намуда, азхудкунӣ ва омӯзишро ба ин тариқ беҳтар месозад.

Хоболудии рӯзонаро ба вуҷуд намеорад, фаъолнокӣ ва қобилияти кориро зиёд мекунад.

Амали якҷояи унсурҳои растанигӣ таъсири нарми оромбахш расонида, ба инкишофи стресс монеа мешавад.

Маҳсулоти «Баю - Бай» дар таркибашон спирт ва қанд надоранд ва безарар ҳастанд.

Тарзи истеъмол: барои кӯдакони аз 2 –сола боло 10-20 чакрагӣ ё 1-2 ҳаб рӯзе се маротиба дар вақти хӯроккӯрӣ.

Давраи истеъмол то як моҳ.

Шишача 50 мл бо чакрарез, 60 дона ҳаб (таблетка)-и 0,5 грамма барои макидан.

***Истеҳсолкунанда – «ООО МЕРЦАНА» Федератсияи РОССИЯ***




## «ПОПУЛИН» аз кирмҳо халос мешавем!



Популин дар асоси шираи сиёҳбед, ки ҳамчун воситаи зидди кирмҳо, зидди илтиҳоб ва ҳифз аз гепатит машҳур аст, омода гаштааст:

-барои нест кардани тамоми намудҳои кирми дар вуҷуди инсонбуда истифода бурда мешавад:

-барои боз ҳам афзудани таъсири дору баъди ҳар се рӯзи истифода «Популин»-ро бо об омехта, клизма кардан зарур аст;

-ба ҷисми инсон зарар намерасонад ва бе тавсияи духтур истифода буданаш мумкин аст, ҳатто ба ҳамаи нафарони солим бо мақсади пешгирӣ намудани пайдошавии кирм тавсия дода мешавад;

-таъсирбахш аст, ҳар шахси истифодабурда беҳбудӣ ва фоидаашро зуд ҳис мекунад.

Тартиби истеъмол: ба кӯдакони аз 3 то 7 –сола – 1/3- қошуқчагӣ, аз 7 то 12 –сола – 2/3- қошуқчагӣ, аз 12- сола боло дар як рӯз ду бор 1-қошуқчагӣ, 30-40 дақиқа баъди хӯрок истеъмол кардан лозим аст.

Истеҳсолкунанда – ООО «Биолит» Федератсияи РОССИЯ. Тел: ш.Душанбе 918-47-93-93, дар вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он: 927-49-33-47. Рақами қайд №000677. Аз дорухонаҳои шаҳр пурсон шавед.

## «КРАСНЫЙ КОРЕНЬ» - (сурхреша)




**(Витаминҳои зиндаи табиат)**

«СУРХРЕША» (КРАСНЫЙ КОРЕНЬ) номи мардумии растании камёфтест, ки дар кӯҳҳои баланд мерӯяд. Аз замонҳои қадим «СУРХРЕША»-ро барои мубориза бо бемориҳои мардона истифода мебурданд. Дар бораи он ки гиёҳ чӣ тавр қувваи мардиро зиёд мекунад, нақлҳои зиёде паҳн шудаанд.

Ҳангоми илтиҳоби ғадуди простата-простатит, яке аз бемориҳои паҳншудаи мардона, «СУРХРЕША» ба беҳшавии гардиши хун, кушодаву рафъ шудани қарораҳо дар ғадуди простата, эҳёи фаъолнокии ҷинсии мардона мусоидат мекунад.

Аденома, ки ба «дили мард» - ғадуди простата зарба мерасонад, дар марҳилаи ибтидоӣ хатарнок нест ва агар сари вақт табобати онро бо «СУРХРЕША» кунед, инкишофашро пешгирӣ кардан мумкин аст.

«СУРХРЕША» (КРАСНЫЙ КОРЕНЬ) - кӯмаки пурзӯр мерасонад: ба пурра холӣ шудани пешобдон мусоидат менамояд, зудии пешобкуниро кам месозад, хусусан шабона.

Тавре маълум аст, бисёр вақт коҳишёбии фаъолнокии ҷинсӣ сабабгори шикастҳои ҳаётӣ мегардад.

«СУРХРЕША» – гиёҳи шифоии босамар бо таъсири нарму мулоим ба барқароршавии фаъолияти ҷинсии мардон такон медиҳад.

Тарзи истеъмол: шишача 50 мл бо чакрарез рӯзе ду бор ба таги забон 10-20 чакра чакконда, истеъмол намоянд.

Давраи истеъмол – як моҳ.

«СУРХРЕША» (КРАСНЫЙ КОРЕНЬ) дар таркибаш спирт ва қанд надорад, бинобар ин ба фарқ аз маҳсулоти дигар истеҳсолкунандагон барои ашхоси гирифтор ба як қатор бемориҳо, аз қабили диабет, атеросклероз, фарбеҳӣ ва ғайра зарар надорад.

Телефонҳо дар вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он: 927 - 49 -33 47; ш. Душанбе 918 – 47 – 93 – 93. Аз дорухонаи «Гарант» пурсон шавед.

***Истеҳсолкунанда – Россия***


## БАРҲАМ МЕХӮРАД

Шаҳрванд Мирзоев Анвар Ҷумаевич, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0080951 бо РЯМ 0430036796 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 4 июни соли 2009 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

***

Шаҳрванд Азизов Илҳомиддин Аминович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0014282 бо РЯМ 1230003684 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 23 ноябри соли 2009 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

***

Шаҳрванд Ёров Ҳамзаалӣ Уроқович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0087457 бо РЯМ 0930029210 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 2 июни соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

***

Шаҳрванд Саидҷонов Фирдавс Аминҷонович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0180196 бо РЯМ 0130053963 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 17 ноябри соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Дафтарчаи имтиҳонии № ДО 6229-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур соли 2006 ба Саидов Комил Абдуразоқович додааст, эътибор надорад.

***

Патенти №0087378 бо РЯМ 0930028587-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 28 майи соли 2010 ба Холмирзоева Моҳира Ибодуллоевна додааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии №0734/08-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон соли 2008 ба Тоҷиддинов Алиакбар Назарович додааст, эътибор надорад.

***

Нусхаи ҳуҷҷатҳо барои гирифтани Шаҳодатномаи ронандагии №2055-и гумшуда, ки онро Ташкилоти ҷамъияти мададгори мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2012 ба Саидов Исроилҷон Худойбердиевич додааст, эътибор надорад.

***

Патенти №0145239 бо РЯМ 0930041338-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 20 ноябри соли 2011 ба Холов Маҳмадуло додааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии № 161/08-и гумшуда, ки онро Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон соли 2008 ба Шарифзода Фазлиддин додааст, эътибор надорад.

***

Дипломи силсилаи ДТО №0077567-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон соли 2010 ба Раҷабова Бунафша Салимхоновна додааст, эътибор надорад.

***

Билети донишҷӯйии №0283/10-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон соли 2010 ба Шукуров Анвар Ёрмадович додааст, эътибор надорад.


Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волояти қонун

Садои мардум

САРМУҲАРРИР Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неккадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: *sadoimardum@yandex.ru*

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 28 сентябри соли 2012, соати 16.30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 23842 нусха

Навбатдори шумора А. Муродов

Тарроҳони компютерӣ И. Самохин ва Н. Исмоилова